**Стандартҳои байналмилалии мақомотҳои олии аудит (СБМОА) аз тарафи Ташкилоти байналмилалии мақомотҳои олии аудит (ТБМОА) ба нашр расонида шудааст. Маълумоти иловагӣ дар сомонаи www.issai.org**

# ДАСТУРИ АМАЛӢ ОИД БА АУДИТИ МОЛИЯВӢ

## УҲДАДОРИҲОИ АУДИТОР НИСБАТИ ҲОЛАТҲОИ СОХТАКОРӢ ЗИМНИ ГУЗАРОНИДАНИ АУДИТИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

**(Тарҷума)**

Душанбе
2016

Дастури мазкур ба Стандарти байналмилалии аудит (СБА) 240 «Ӯҳдадориҳои аудитор нисбати ҳолатҳои сохтакорӣ зимни гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ», ки аз ҷониби Кумита оид ба стандартҳои байналмилалии аудит ва кафолатҳои саҳеҳии маълумот (КСБАКС) таҳия ва аз тарафи Федератсияи байналмилалии муҳосибон (ФБМ) ба нашр расонида шудааст, мутобиқат дорад.

Аз ҷониби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодаи умум аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шудааст.

**М У Н Д А Р И Ҷ А И**
**СБМОА (ИССАИ) 1240**

## Дастури амалӣ ба СБА (ИСА) 240


Муқаррароти умумӣ ........................................................ 5

Муқаддима ба СБА ........................................................ 5

Мазмуни Дастури амалӣ .................................................. 6

Қобили татбиқ будани СБА зимни аудит дар бахши давлатӣ ........................................................ 6

Дастури иловагӣ вобаста ба масъалаҳои ба бахши давлатӣ алоқаманд ...................................... 7

Шарҳи умумӣ ................................................................ 7

Мафҳумҳо ...................................................................... 9

Шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) ................................. 10

Муҳокима бо аъзоёни гурӯҳи Созишнома ........................ 11

Чорабиниҳо оид ба арзёбии хавф ва амалҳои ба он вобаста ........................................................................ 11

Айнияткунонӣ ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи сохтакорӣ ба миён омадааст ....... 13

Амалҳои ҷавобӣ ба хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии арзёбӣ гардида, ки дар натиҷаи сохтакорӣ ба миён омадааст ........................................................................ 13

Арзёбии далелҳои аудиторӣ ............................................14

Ғайриимкон гардидани идомаи хизматрасонӣ аз ҷониби аудитор тибқи Созишнома ..................................14

Хабардор кардани роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ ..................................................15

Хабардор кардани мақомотҳои идоракунӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ....................................................................................15

**Замимаи 1:** намунаҳои омилҳои иловагии хавф, ки дар натиҷаи сохтакориҳо дар муҳити бахши давлатӣ ба миён омадааст. ........................................................................16

**Замимаи 2:** намунаҳои иловагии чорабиниҳои имкондоштаи аудит ҷиҳати андешидани чораҳо нисбати хавфҳои таҳрифгариҳои ҷиддӣ арзёбӣ гардида, ки дар натиҷаи сохтакорӣ дар муҳити бахши давлатӣ ба миён омадааст. ................................................................................22

**Замимаи 3:** намунаҳои иловагии рӯйдодҳо дар муҳити бахши давлатӣ, ки метавонанд ба имконияти ҷой доштани сохтакориҳо ишора намояд. ......................29

# ДАСТУРИ АМАЛӢ БА СТАНДАРТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АУДИТ (СБА) 240[1]

# УҲДАДОРИҲОИ АУДИТОР НИСБАТИ ҲОЛАТҲОИ СОХТАКОРӢ ЗИМНИ ГУЗАРОНИДАНИ АУДИТИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

## Муқаррароти умумӣ

Бо Дастури амалии мазкур нишондодҳои иловагӣ бо СБА 240 «Уҳдадориҳои аудитор нисбати ҳолатҳои сохтакорӣ зимни гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ» таъмин гардида, бояд дар якҷоягӣ бо СБА татбиқ карда шавад.

СБА дар самти аудити ҳисоботи молиявӣ аз 15 декабри соли 2009 қобили татбиқ буда, аз ҳамин давра Дастури амалӣ низ мавриди амал қарор дода мешавад.

## Муқаддима ба СБА

СБА 240 уҳдадориҳои аудиторро нисбат ба ҳолатҳои сохтакорӣ зимни гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ муқаррар намуда, татбиқи меъёрҳои СБА 315 ва СБА 330-ро бинобар хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи ҷой доштани ҳолатҳои сохтакорӣ ба миён омадааст, ба таври махсус шарҳ медиҳад.[2]–[3]

---

[1] Тамоми Дастурҳои амалӣ дар ҳамбастагӣ бо ИССАИ 1000 «Муқаддимаи умумӣ ба Дастур оид ба аудити молиявии ИНТОСАИ» татбииқ карда мешаванд.

[2] СБА 315 «Ошкор ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ бо роҳи омӯзиши ташкилот ва муҳити он»

[3] СБА 330 «Амали аудитор нисбати хавфҳои арзёбӣ гардида»

## Мазмуни Дастури амалӣ

П1. Дастури амалӣ ба аудиторони бахши давлатӣ нишондодҳои иловагиро дар ҷанбаҳои зерин таъмин менамояд:

(а) шарҳи умумӣ;

(б) мафҳумҳо;

(в) шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм);

(г) муҳокима бо гурӯҳи Созишнома;

(д) чорабиниҳо вобаста ба арзёбии хавф ва амалҳои иловагӣ;

(е) айниятткунонӣ ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи сохтакорӣ ба миён омадааст;

(ж) амалҳои ҷавобӣ нисбат ба хавфҳои арзёбӣ шудаи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи сохтакорӣ ба миён омадааст;

(з) арзёбии далелҳои аудиторӣ;

(и) ғайриимкон гардидани идомаи хизматрасонӣ аз рӯи Созишнома;

(к) хабардор кардани роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ;

(л) хабардор кардани мақомотҳои идоракунӣ ва ҳифзи ҳуқуқ.

## Қобили татбиқ будани СБА дар аудити бахши давлатӣ

П2. СБА 240 аз ҷониби аудиторони ташкилотҳои бахши давлатӣ, ки ҳамчун аудиторони ҳисоботи молиявӣ амал менамоянд, татбиқ шуда метавонад.

**Дастури иловагӣ вобаста ба масъалаҳои алоқаманд ба бахши давлатӣ**

П3. СБА 240 дастур оид ба татбиқ ва дигар маводҳои тафсирдиҳандаро, ки дар параграфҳои А6, А57 ва А67 оварда шуда, ҷанбаҳои махсуси ба бахши давлатӣ алоқамандро ифода менамояд, дар бар гирифтааст.

**Шарҳи умумӣ**

П4. Мақсади аудити молиявӣ дар бахши давлатӣ нисбат ба изҳори ақида вобаста ба омода гардидани ҳисоботи молиявӣ дар ҳама ҷанбаҳо ва мутобиқ ба асосҳои татбиқшавандаи ҳисоботи молиявӣ (яъне, соҳаи татбиқи СБА) нисбатан васеъ мебошад.

Вобаста аз ваколати аудит, ки аз талаботи қонунгузорӣ, фармоиши вазоратҳо, талаботи сиёсати давлатӣ ва қарорҳои мақоми қонунгузор бармеояд, мумкин аст мақсадҳои иловагӣ пешбинӣ карда шавад. Мақсадҳои иловагии мазкур уҳдадориҳо вобаста ба аудит ва ҳисоботдиҳӣ, аз қабили ошкор гардидани ҳолатҳои риоя нагардидани ваколатҳо, буҷет, системаи ҳисоботдиҳӣ ва ё ба даст овардани маълумот дар бораи самаранокии системаи назорати дохилиро аз ҷониби аудиторони бахши давлатӣ, метавонад дар бар гирифта бошад.

Бо вуҷуди пешбинӣ нагардидани мақсадҳои иловагӣ, ҷиҳати аз ҷониби аудиторони бахши давлатӣ вобаста ба ҳолатҳои ошкоршуда дар рафти аудит дар самти риоя нагардидани ваколатҳо, самаранокии системаи назорати дохилӣ пешниҳод намудани маълумотҳо, метавонад интизории ҷомеа низ ҷой дошта бошад.

Уҳдадориҳои иловагии мазкур ва хавфҳое, ки ба ҳолатҳои сохтакорӣ алоқаманд мебошад, зимни банақша-

гирӣ ва иҷрои аудит бояд аз ҷониби аудиторони бахши давлатӣ ба инобат гирифта шаванд.

П5. Бо параграфҳои 2 ва 3 СБА хусусиятҳои сохтакорӣ тавсиф карда шуда, одатан се шарти ба миён омадани сохтакорӣ амал менамояд. Шартҳои зикргардида аксаран дар бахши давлатӣ ба тариқи гуногун ҷой дошта, чунин ҳолатҳоро дар бар мегирад:

– **омили моддӣ ва фишороварӣ (аз ҷониби роҳбарият ё кормандон расонидани таъсир, ки барои содир намудани сохтакорӣ сабаб мегардад)** – хизматчиёни давлатӣ барои дар доираи захираҳои маҳдуд ва мутобиқ ба буҷет амалӣ намудани хизматрасонии сифатнок метавонанд таҳти фишор қарор дошта бошанд. Чунин ҳолатҳо метавонад дар шароитҳои вазнини иқтисодӣ, ки ҷиҳати ҷамъоварии боҷу андозҳо фишороварихо амалӣ гардида, дар натиҷа омилҳои баланд шудани даромад ва кам шудани хароҷот ба миён меояд, ҷой дошта бошад. Дар баробари ин, дар охири соли молиявӣ ба хароҷот бурдани маблағҳои буҷетӣ низ омили ба миён омадани ҳолатҳои сохтакорӣ шуда метавонад;

– **шароитҳо барои ба миён омадани сохтакориҳо (лаҳза ва шароитҳои хоси ба ташкилотҳо алоқаманд, ки имконияти содир намудани сохтакориро фароҳам меорад)** – ҳолати нисбатан маъмул дар бахши давлатӣ мушкилоти ба кор гирифтани кормандон ва ё мавҷуд набудани ҳайти шахсии касбӣ ва ё камбудиҳои системаи назорати дохилӣ метавонад барои сохтакорӣ шароитҳоро фароҳам созад.

Инчунин, ҳолатҳои истифодаи андозаи хурди аҳду созишномаҳои (трансаксияҳо) хазинавӣ дар ҳаҷмҳои калон дар бахшҳои давлатии муайян, аз қабили мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ ба баланд шудани чунин хавфҳо оварда расонида метавонад. Бо вуҷуди кам будани арзиши пулӣ, чунин ҳолатҳо метаво-

над ба аз даст рафтани боварии ҷомеа ва вайрон намудани тартиби ҳисоботдиҳӣ оварда расонад;

– **навовариҳо ва муносибат (рафтор ва талаботҳои ахлоқӣ (этикӣ), ки барои собит намудани дурустии сабабҳои содир гардидани сохтакорӣ имконият фароҳам месозад)** – дараҷаи нисбатан пасти маоши вазифавӣ дар бахши давлатӣ нисбат ба бахши хусусӣ боиси он мегардад, ки кормандон истифодаи ғайриқонунии воситаҳоро аз ҷониби онҳо дуруст шуморида, ин ҳолатҳо бошад боварии ҷомеа ва ҳисоботдиҳиро халалдор месозад.

**Мафҳумҳо**

П6. Тибқи фасли 1 Эъломияи Лима (Муқаррароти умумӣ) муқаррар гардидааст: «Ташкили назорат унсури муҳими идоракунии воситаҳои молиявии ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, зеро чунин идоракунӣ боиси масъулият дар назди ҷамъият мегардад. Назорат танҳо мақсади ягона набуда, қисми ҷудоинопазири системаи идоракунӣ мебошад, ки мақсади он аз ошкор намудани тамоил нисбат ба стандартҳои қабулгардида ва вайрон намудани принсипҳо, қонуният, самарабахшӣ ва сарфаи хароҷоти захираҳои молиявӣ дар марҳилаи нисбатан барвақтии он иборат аст, то ин ки барои андешидани тадбирҳои тасҳеҳотӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон, ҷуброни зарари расонида имконият вуҷуд дошта бошад ё тадбирҳое амалӣ гарданд, ки чунин вайронкуниҳо минбаъд пешгирӣ ё кам карда шаванд».[1]

Ҳамин тариқ, аудиторони бахши давлатӣ зимни амалӣ намудани аудит нисбати ҷой доштани холатҳои суиистифода кардан ҳушёриро набояд аз даст диҳад.

---

[1] ИССАИ 1 «Эъломияи Лима».

Дар ин замина, Дастурҳои амалӣ мафҳумҳои иловагии зеринро баррасӣ намудааст:

– **суистифода кардан** – рафтори номуносиб нисбат ба рафторе, ки инсони оқил дар ҳолат ва шароитҳои муайян дар таҷрибаи корӣ татбиқи онро оқилона ва зарурӣ мешуморад. Инчунин, бо мақсади шахсан, аъзоёни наздики оила ва ё шарикони тиҷоратӣ ба даст овардани фоидаи молиявӣ истифода намудани ваколатҳо низ ҳамчун ҳолати суистифода кардан эътироф мегардад;

– ҳолати суистифода кардан метавонад ба ҳолатҳои сохтакорӣ, вайрон намудани қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ё шартҳои қарордод ва дигар созишномаҳои грантӣ алоқамандии ҳатмӣ надошта, он дар натиҷаи аз нуқтаи назари қонунӣ мадди назар гардидани принсипҳои идоракунии устувори молияи бахши давлатӣ ва рафтори хизматчиёни давлатӣ метавонад ба миён биёяд.

## Шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм)

П7. Тавре дар СБА омадааст, бо СБМОА (ИССАИ) 1200 уҳдадориҳои аудитор муқаррар гардида, тибқи он аудитор уҳдадор аст, ки дар тамоми рафти аудит мавқеи шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм)-ро нигоҳ дорад.

П8. Дар бахши давлатӣ, тавре дар параграфҳои 12-14 СБА омадааст, хавфҳо нисбати нигоҳ доштани мавқеи шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) бо асосҳои зерин ҷой дошта метавонад:

– хусусияти муносибатҳои шахсӣ ва касбӣ вобаста аз раванд ва муҳити сиёсӣ;

– ваколатҳои истисноии ташкилоти аудитории бахши давлатӣ, ки ба барҳам задани рақобат дар байни аудиторон оварда мерасонад;

– мавҷуд набудани талабот дар баъзе муҳит вобаста ба ҷойвазкунии пайвастаи аудиторон.

Бо ҳамин роҳ, аз ҷониби аудиторони бахши давлатӣ вобаста ба кам намудани хавф, аз ҷумла ҷорӣ намудани чораҳои эҳтиётӣ, тадбирҳои дахлдор андешида мешавад.

П9. Ҳангоми ба даст овардани маълумотҳо, ки эҳтимолияти ҷой доштани ҳолатҳои суистифода карданро собит месозанд, аудиторони бахши давлатӣ таъсири ҷиддӣ доштани онро ба ҳисоботи молиявӣ мавриди омӯзиш қарор дода, ҳолатҳои ҷойдоштаро аз нуқтаи назари сифатӣ ва шуморавӣ баррасӣ менамояд.

Аудиторони бахши давлатӣ вобаста ба ошкор гардидани ҳолатҳои суистифода кардан боварии қатъӣ надошта, дар баробари ин зарурати ба даст овардани маълумотҳои дахлдоро дар ин самт баррасӣ менамоянд.

### Муҳокимаронӣ бо аъзоёни гурӯҳи Созишнома

П10. Тибқи талаботи параграфи 15-и СБА вобаста ба пешниҳоди маълумот ба дигар аъзоёни гурӯҳ, ки зимни муҳокимарониҳо ширкат надоранд, байни аъзоёни гурӯҳи Созишнома муҳокимаронӣ доир гардида, ҳолати мазкур аз ҷониби шарики Созишнома муайян карда мешавад.

Дар бахши давлатӣ муҳокимаронӣ метавонад масъалаҳои ба мақсадҳои иловагӣ ва ба хавфҳои ба он алоқаманд таалуқдоштаро, ки дар параграфи П4 ифода ёфтаанд, дар бар гирад.

Аудиторони бахши давлатӣ аудиторонеро, ки барои аудити иҷроиш ва дигар фаъолияти аудитории ташкилот равона гардиданд, метавонанд ба рафти муҳокимаронӣ ҷалб намоянд.

### Чорабиниҳо оид ба арзёбии хавф ва амалҳои ба он вобаста

П11. Бо дарназардошти талаботи параграфи 17 (в) СБА дар сурати зарурӣ аудиторони бахши давлатӣ метавонанд

маълумотҳоро дар бораи мукотибаи роҳбарият бо дигар ташкилотҳои давлатӣ дархост намоянд.

П12. Инчунин, бо дарназардошти талаботи параграфи 21 СБА дар баробари пешниҳоди дархост ба шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ оиди пешниҳод намудани маълумотҳо, аудиторони бахши давлатӣ метавонанд дигар шахсони масъул, аз ҷумлаи вазоратҳо, аъзоёни шӯрои директорон ва ё аъзоёни кумитаҳои қонунгузории дахлдорро низ ҷалб намоянд.

П13. Тибқи талаботи параграфи 22 СБА, аудитор муносибатҳои ғайримуқаррарӣ ва ғайричашмдошти дар рафти гузаронидани чорабиниҳои таҳлилӣ ошкоршударо (аз ҷумла, ҳолатҳои ба ҳисоби даромадҳо алоқаманд), ки хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии бо сохтакорӣ алоқамандро собит месозанд, бояд арзёбӣ намояд.

Дар бахши давлатӣ дар баробари ҳисоби даромадҳо, вобаста аз хусусияти амалиятҳои ташкилот дигар соҳаҳои муҳим низ буда метавонад, ки иҷрои чорабиниҳои таҳлилиро тақозо намуда, ба чунин соҳаҳои муҳим самти хариди давлатӣ ва грантҳо мисол шуда метавонанд.

Зимни гузаронидани ҷорабиниҳои таҳлилӣ аудиторони бахши давлатӣ мураккабии ба истифодаи усули хазинавии баҳисобгирии муҳосибӣ ягона хос ва имконияти ба он алоқамади сохтакории маълумотҳои молиявиро баррасӣ намуда, ба инобат мегиранд.

П14. Тавре дар нишондодҳои параграфи 24 СБА оварда шудааст ва бо дарназардошти намунаҳои дар дар Замимаи 1 СБА, зимни арзёбии омилҳои хавфи сохтакорӣ, аудиторони бахши давлатӣ ҷой доштани омилҳои муҳими иловагии хавфи сохтакорӣ дар бахши давлатиро ба инобат мегиранд. Намунаҳои омилҳои иловагии хавфи сохтакорӣ дар муҳити бахши давлатӣ дар Замимаи 1 Дастурҳои амалӣ оварда шудааст.

**Айнияткунонӣ ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи сохтакорӣ ба миён омадааст**

П15. Тибқи талаботи параграфи 26 СБА, дар бахши давлатӣ ба эътибор гирифтани даромад на ҳама вақт сабаби фарзияи ҷой доштани ҳолатҳои сохтакорӣ шуда метавонад. Ба эътибор гирифтани даромад метавонад барои мақомотҳои андоз ва дигар идораҳо, ба монанди коллеҷу донишгоҳҳои давлатӣ, беморхонаҳо, агентиҳои хизматрасон, ки аз ҳисоби хизматрасониҳо даромадҳоро ҷамъ меоваранд ва ё гирандагони воситаҳои донорӣ мебошанд, муҳим ба ҳисоб равад.

Дар аксар ташкилотҳои бахши давлатӣ диққати асосӣ ба соҳаҳои хариди давлатӣ ва пардохти грантҳо равона гардидааст.

Аз ин хотир, дар баробари ба эътибор гирифтани даромад, дар сурати зарурӣ аудиторони бахши давлатӣ ҳангоми фарзияи ҷой доштани хавфи сохтакорӣ, метавонанд соҳаҳои дигарро низ мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

**Амалҳои ҷавобӣ ба хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии арзёбигардида, ки дар натиҷаи сохтакорӣ ба миён омадааст**

П16. Ҳангоми банақшагирӣ ва иҷрои чорабиниҳои минбаъдаи аудиторӣ, ки хусусият, муҳлат ва давомнокии он ба хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии арзёбӣ шуда дар зинаи собит гардидани он мувофиқат менамояд, аудиторони бахши давлатӣ муҳим будани чорабиниҳои иловагии аудиториро дар бахши давлатӣ ба инобат мегиранд.

Намунаи чорабиниҳои иловагии аудиторӣ, ки дар муҳити бахши давлатӣ муҳим мебошанд, дар Замимаи 2 Дастурҳои амалӣ оварда шудаанд.

П17. Бо параграфи 32 (в) СБА аҳду созишномаҳои

(трансаксияҳо) муҳиме, ки ба дараҷаи фаъолият ва амалиётҳои муқаррарии ташкилот дохил нест, баррасӣ гардида, намунаи он масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

– ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ;

– паҳлӯҳои зараровари қарордодҳо бо кумитаи иттифоқҳои касаба;

– хариду фурӯши молу амволи ғайриманқул;

– мубодилаи қитъаҳои замин;

– фароҳам овардани шароити мусоид;

– шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

– хусусигардонии хизматрасониҳои давлатӣ;

– пардохти бармаҳали қарзҳо;

– кафолатҳои давлатӣ ё тасдиқи расонидани кумак ба ташкилотҳои бахши хусусӣ, ки мушкилотҳои молиявӣ доранд.

## Арзёбии далелҳои аудиторӣ

П18. Тибқи талаботи параграфи 35 СБА, дар сурати ошкор гардидани таҳрифгариҳо, ҳолати ба сохтакорӣ алоқамандӣ доштани он аз ҷониби аудиторон бояд арзёбӣ гардида, дар ҳолати ҷой доштани чунин ҳолат, пас бояд оқибатҳои чунин таҳрифгариҳо низ арзёбӣ карда шавад.

Бо замимаи 3 СБА шарҳи омилҳое, ки метавонанд эҳтимолияти содир шудани сохтакориҳоро муайян намояд оварда шуда, намунаҳои омилҳои иловагӣ барои бахши давлатӣ дар Замимаи 3 Дастурҳои амалӣ дарҷ карда шудааст.

## Ғайриимкон гардидани идомаи хизматрасонӣ аз ҷониби аудитор тибқи Созишнома

П19. Тавре дар параграфи 38 (а) СБА омадааст, аудиторони бахши давлатӣ одатан аз иҷрои Созишнома баромада наметавонанд.

Бинобар ин, аудиторони бахши давлатӣ таъсири ин ҳолатро бо ақидаи аудиторӣ ва дигар талаботҳои ҳисоботдиҳӣ, инчунин мақсаднок будани пешниҳоди маълумотро ба мақомоти қонунгузор ва ё нашр намудани ҳисоботҳои таснифотӣ ва дигар ҳисоботҳоро барои истифодаи хизматӣ баррасӣ менамояд.

**Хабардор кардани роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ**

П20. Вобаста ба масъалаҳои дар параграфи 41 СБА баррасишуда, аз аудиторони бахши давлатӣ талаб карда мешавад, ки нисбати хабардор кардани мақомоти қонунгузор ва ё тарафҳои дигар дар баробари хабардор кардани шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ қарор қабул намоянд.

**Хабардор кардани мақомотҳои идоракунӣ ва хифзи ҳуқуқ**

П21. Талабот оид ба хабардор намудани тарафҳои дигар дар бораи ҳолатҳои сохтакорӣ дар бахши давлатӣ мавзӯи махсуси ваколати аудит ва ё муқаррароти қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ буда метавонад.

Ба доираи тарафҳои дигар мақомотҳои идоракунӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дохил шуда, дар баъзе доираҳои дигар мақомотҳои тафтишотӣ низ буда метавонанд.

Дар баробари хабардор кардани мақомотҳои зикргардида, аудиторони бахши давлатӣ наметавонанд, ки ба рафти санҷиш ва тафтиши ҳолатҳои сохтакорӣ аз ҷониби мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дахолат намоянд.

Аудиторони бахши давлатӣ бояд бо қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, ки ҳолатҳои мазкурро ба танзим медароранд, шиносоӣ дошта бошанд.

Инчунин, аудиторони бахши давлатӣ дар ҳолатҳои зарурӣ метавонанд аз маслиҳати ҳуқуқӣ истифода намоянд.

## ЗАМИМАИ 1

### Намунаи омилҳои иловагии хавфи сохтакорӣ дар муҳити бахши давлатӣ

Омилҳои хавфи сохтакории дар замимами мазкур баррасӣ шаванда намунаи омилҳое ба шумор меравад, ки аудиторони бахши давлатӣ бо он дучор шуда метавонанд.

Гарчанде омилҳои хавф ҷанбаҳои васеи ҳолатҳоро дар бар гирифта ва омилҳои зикрмешуда ҳамчун намуна пешбинӣ гардидааст, аз ҷониби аудиторони бахши давлатӣ имконияти ошкор гардидани омилҳои дигари иловагӣ низ ҷой дорад.

Аз ин хотир, на ҳама намунаи омилҳо дар ҳама ҳолатҳо қобили қабул буда, баъзеи онҳо дар ташкилотҳои бахши давлатӣ дорои дараҷаи баланд ва ё ками аҳамият буда, ин ҳолат аз рӯи хусусият, ҳаҷм ва шароитҳои мавҷуда муайян карда мешавад.

Инчунин, тартибе, ки тибқи он намунаи омилҳои хавф пешбинӣ гардидааст, аҳамияти нисбӣ ва такрорёбии ба миён омадани онҳоро ифода намекунад.

### Омилҳои хавфи ба таҳрифгариҳо алоқаманд, ки дар натиҷаи сохтакориҳои ҳисоботҳои молиявӣ ба миён омадаанд

Омилҳои хавфи ба таҳрифгариҳо алоқаманд, ки дар натиҷаи сохтакориҳои ҳисоботи молиявӣ ба миён омадааст, мувофиқи шароитҳои умумии амалкунанда ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда шудааст:

(а) омилҳои моддӣ ва фишороварӣ;

(б) имкониятҳо;

(в) қобилияти собит сохтани дурустии амалҳои худ.

## Омилҳои моддӣ ва фишоровар̣ӣ

Ба омилҳои моддӣ ва фишоровар̣ӣ ноустувории молиявӣ ва дигар хавфҳои бар асари ҳолатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, буҷетӣ ва фаъолияти ташкилот ҷой доштаи зерин дохил мешавад:

– назорати сусти буҷетӣ;
– хусусигардонӣ;
– барномаҳои нав;
– тағйиротҳои ҷиддии барномаҳои амалкунанда;
– сарчашмаҳои нави маблағгузорӣ;
– қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар супоришҳои нав;
– қарорҳои стратегӣ, ба монанди аз нав ҷо ба ҷо кардани фаъолият;
– барномаҳое, ки бо онҳо воситаҳои басанда ҷудо нагардида, ё маблағгузорӣ карда нашудааст;
– хариди давлатӣ ва хизматрасонӣ дар соҳаҳои муайян, ба монанди соҳаи мудофиа;
– ба тарафи пудратчӣ вогузор намудани фаъолияти давлатӣ;
– корҳое, ки мавзӯи тафтиши махсус ба ҳисоб меравад;
– тағйирот дар ҳайати роҳбарияти сиёсӣ;
– шарикии давлат ва бахши хусусӣ.

Инчунин, бо мақсади қонеъ гардонидани талаботҳо, нигаронии тарафи сеюм ва ё шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ бинобар ҳолатҳои зерин фишори аз андоза зиёд ба роҳбарият ҷой дорад:

– нигаронии афзояндаи аҳли ҷомеа;
– нигаронии аз буда зиёди иҷроиши буҷет;
– кам намудани буҷет бидуни ба тавri дахлдор кам кардани нигарониҳо аз хизматрасониҳо.

**Имконият**

Хусусияти муҳити бахши давлатӣ имконияти пешниҳоди ҳисоботи молиявии сохтакорӣ карда шударо доро мебошад, ки бо сабабҳои зерин ба миён омада метавонад:

– муҳити пӯшида бо системаи пурзӯри сиёсӣ ва робитаҳои мавҷуда;

– сохтори ташкилии расмиятпарастӣ, маданияти риоя намудан ва тобеъ будан ва зинаи хуб ташкилшудаи тобеъ будан;

– воситаҳои бевосита интиқоли маблағҳо (трансфертҳо) дар байни идораҳо, ки назорати хароҷоти онро душвор мегардонад;

– хизматчиёни давлатии мансабҳои олӣ, ки метавонанд аз ваколатҳои худ суистифода намоянд;

– эҳтимолияти таъсир расонидан ба бахши хусусӣ баъди ба итмом расидани ваколатҳо, масалан ба натиҷаҳои озмунҳои тендерӣ;

– таҳаммул нисбат ба хатогиҳо дар маълумотҳои молиявӣ.

Омӯзиши (мониторинг) фаоъолияти роҳбарият бинобар ҳолатҳои зерин метавонад самарабахш набошад:

– мақсадҳои пурнуфузи сиёсӣ, алоқа ва тобеяит;

– муҳити ноороми сиёсӣ.

Сохтори мураккаб ва ноороми ташкилӣ амал менамояд, ки ба омилҳои зерин вобаста мебошад:

– шумораи зиёди намояндагиҳои (филиал) ба фаъолияти давлатӣ машғул, ба монанди мунисипалитетҳо дар ноҳияҳои дурдаст.

Қисмҳои назорати дохилӣ бинобар ҳолатҳои зерин басанда нест:

– муҳите, ки раванди ба кор гирифтани кормандонро душвор мегардонад ва мавҷуд набудани ҳайати дахлдори касбӣ;

– мавҷуд набудани таъмини барномавии мураккаби технологияи иттилоотӣ ва барномаи амалиёт барои эҳтиёҷоти махсус;

– инфрасохтори нопурра ва якҷоя набудаи технологияи иттилоотӣ.

**Қобилияти собит сохтани дурустии амалҳои худ**

– дар аксарияти ҳолатҳо дараҷаи пасти музди меҳнат дар бахши давлатӣ нисбат ба бахши хусусӣ, махсусан агар омилҳои моддӣ, аз ҷумлаи мукофотпулиҳо мавҷуд бошад, сабаби собит сохтани дурустии амалҳои сохтакорӣ дар ҳисоботи молиявӣ мегардад;

– беэътиноӣ ба оқибатҳои вайрон намудани қонунгузорӣ, ки дар бахши хусусӣ ҳолатҳои ҷаримабандӣ, аз кор озодкунӣ ва ё ба ҳабс гирифтанро ба бор меоварад;

**Омилҳои хавфи дар натиҷаи таҳрифгариҳои ба ҳолати азонихудкунии активҳо алоқаманд ба миён омада**

Баъзе омилҳои хавф вобаста ба таҳрифгариҳои ба ҳолатҳои сохтакорӣ дар ҳисоботи молиявӣ алоқаманд дар ҳолатҳои таҳрифгариҳои ба ҳолатҳои азонихудкунии активҳо низ ҷой дошта метавонад. Масалан, омӯзиши ғайрисамарабахши фаъолияти роҳбарият ва суст будани системаи назорати дохилӣ метавонад сабаби ҷой доштани таҳрифгариҳои ба ҳолатҳои сохтакорӣ ва азонихудкунии активҳо шуда бошад. Намунаи омилҳои хавфи таҳрифгариҳои ба ҳолатҳои азонихудкунии активҳо алоқаманд ҳолатҳои мазкур шуда метавонад:

**Омилҳои моддӣ ва фишороварӣ**

Муносибати носозгори ташкилот (роҳбарият) ва кор-

мандоне, ки ба воситаҳои нақдӣ ва активҳо дастрасӣ доранд, сабаби азонихудкунии ғайриқонунии чунин активҳо мегардад. Муносибатҳои носозгор бинобар ҷой доштани чунин шароитҳо ба миён омаданаш мумкин аст:

– сохти қатъии ҷубронпулиҳо (пардохти музди меҳнат) дар бахши давлатӣ, ки бо интизориҳо мутобиқ нест;

– мукофотонӣ аз рӯи сину сол, на ин ки барои корҳои ба иҷро расонида.

**Ҷанбаҳои ягона хоси равандҳои хариди давлатӣ дар бахши давлатӣ, ба монандӣ:**

– карордодҳои ҳассоси сиёсӣ;

– рақобати дар натиҷаи қарордодҳои ҳаҷман калон ва бо арзиши калон, метавонад хавфи ба миён омадани ҳолатҳои ришваситониро ба миён оварад;

– қарордодҳо бо тарафҳои дар интихоб озод набуда;

– хусусияти хавфнок доштани фаъолияти муайяни давлатӣ, аз ҷумла силоҳ, захираҳои табиӣ ва ғ.

**Суистифода аз мансаб:**

– ришваситонӣ ҳангоми қарор вобаста ба масъалаҳои ҳассос, ба монанди пешниҳоди грантҳо ва ё иҷозати кор, ҳуҷҷати зист ва ё шаҳрвандӣ ва ғ.

**Имкониятҳо**

Шароит ва хусусиятҳои муайян эҳтимолияти азонихудкунии активҳоро баланд намуда, имконияти мусоид метавонад дар ҳолатҳои зерин зиёд бошад:

– мувофиқат надоштани арзиши воқеӣ ва ба ҳисоб гирифташудаи чизу чораи қадима;

– ба қайд нагирифтани активҳои муайян;

– мавҷуд набудани маълумотҳои дахлдор оид ба мансубияти активҳо, ба монанди иншоот, замин ва ғ.;

– гузаштан аз усули хазинавӣ ба усули ҳисоб карда илова намудани баҳисобгирии муҳосибӣ бидуни назорати дахлдор.

**Қобилияти собит сохтани амалҳои худ**

– мансабдорони бахши давлатӣ байни аҳду созишномаҳои шахсӣ ва давлатӣ, ба монанди суистифода аз кортҳои кредитии давлатӣ ягон хел фарқ намегузоранд;

– баъзе аз мансабдорони давлатӣ гумон мекунанд, ки дараҷаи ваколатҳои онҳо барои бурдани тарзи ҳаёт, ки роҳбарони бахши хусусӣ дорои чунин тарзи ҳаёт мебошанд, ба онҳо ҳуқуқ медиҳад;

– таҳаммул намудан нисбат ба амалҳои ғайримақбул дар ҳолатҳое, ки аз кор озод намудан ва ё ҷойивазкунии кормандонро мушкил мегардонад.

## ЗАМИМАИ 2

**Намунаҳои иловагии чорабиниҳои иловагии аудитор̣ӣ ҷиҳати баррасии хавфҳои арзёбигардидаи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи сохтакориҳо дар бахши давлатӣ ба миён омадаанд**

**Амалҳои махсуси ҷавобии нисбат ба таҳрифгариҳо, ки дар натиҷаи сохтакориҳои ҳисоботи молиявӣ ба миён омадаанд**

Намунаҳои амалҳои ҷавобии татбиқшаванда иловатан ба намунаҳои дар СБА муқарраршуда, дар бахши давлатӣ намунаҳои зеринро дар бар мегирад:

**Банақшагирии аудит**

Бо дарназардошти хусусиятҳои хоси хавфҳои дар Замимаи 1 Дастурҳои амалӣ нишон дода шуда, баррасии хавфҳои мазкур раванди амиқи банақшагириро дар назар дошта, арзёбии хавфҳои нисбатан баланд санҷиши нисбатан муфассалро талаб менамояд.

Вобаста ба амалӣ намудани раванди нисбатан амиқи банақшагирӣ ҳолатҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода мешавад:

**Бархурди манфиатҳо**

Ташкил ва нигоҳ доштани манбаи маълумотҳо ва дархости маълумотҳои иловагӣ вобаста ба ҳолатҳои зерин:

– хабардор кардан оид ба ҳолатҳои сохтакорӣ;
– хабар додан дар воситаҳои ахбори омма;
– ҷазоҳои интизомӣ нисбат ба кормандон;
– шикоятҳо;

– амалҳои ҷавобӣ аз ҷониби аҳли ҷомеа ва шахсони манфиатдор;

– маълумотҳои аз мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ба даст оварда шуда;

– маълумотҳои кормандоне, ки шикоятҳоро баррасӣ менамоянд;

– натиҷаҳои қарорҳои судӣ ва ё аудити иҷроиш (махсусан ба хариди давлатӣ ва сармоягузорӣ алоқаманд).

**Раванди хариди давлатӣ**

Соҳаи хариди давлатӣ бо қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд ба танзим даровардa шуда, он меъёрҳоро вобаста ба чорабиниҳои хариди давлатӣ, аз ҷумла имконияти иштироки баробари довталабон дар озмунҳо (тендер), таъмини шаффофияти баргузории он ва ғ. муқаррар намуда, арзёбии хавфҳои нисбатан баланд дар ин самт санҷиши нисбатан амикро талаб менамояд.

Вобаста ба раванди нисбатан амиқи банақшагирӣ ҳолатҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода мешавад:

**Сохтори хариди давлатӣ**

– пешниҳоди дархост ба роҳбарияти ташкилот оиди таҳия гардидани системаи хариди давлатии молу хизматрасонӣ, аз эътибор сохтан ва ба иҷора додани моликияти давлатӣ;

– омӯзиши дақиқи ҳуҷҷатҳои сохтори хариди давлатӣ ҷиҳати риоя гардидани принсипҳои шаффофият, беғаразӣ, рақобатпазирӣ, фоидабахшӣ ва ғ.

– муқоисаи ҳуҷҷатҳои системаи хариди давлатӣ бо талаботҳои қонунгузории татбиқшаванда;

– омӯзиши дақиқи ҳуҷҷатҳои системаи хариди давлатӣ ҷиҳати мутобиқати онҳо бо талаботҳои меъёрӣ ва стандартии дар ин соҳа амалкунанда.

**Бархурди манфиатҳо**

Тариқи муҳокима бо роҳбарияти ташкилот, инчунин санҷиши ҳуҷҷатҳои системаи хариди давлатӣ ва протоколҳои тендерӣ, аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ ва дигар иштирокчиёни хариди давлатӣ риоя гардидани ҳолатҳои зерин мавриди санҷиш қарор дода мешавад:

– эътироф ва кушода шудани ҳама гуна бархурди манфиатҳо, ки ба миён омада метавонанд;

– муносибати беғаразона бо тамоми молтаъминкунандагон;

– истифодаи ваколатҳои мансабӣ ба манфиати шахсӣ ва ё ба манфиати шахси дигар;

– бадном намудани эътимоднокии системаи хариди давлатӣ бо роҳи қабули туҳфаҳо ва дигар амалҳо;

– поквиҷдонӣ дар истифодаи моликияти давлатӣ;

– мусоидат намудан ба кормандони муҳосибӣ ва дигар мақомоти идоракунӣ дар мубориза бо амалҳои коррупсионӣ ва сохтакорӣ дар системаи хариди давлатӣ.

Вобаста ба аз ҷониби ташкилот амалӣ намудани чорабиниҳои назоратӣ ҷиҳати хабар додан оиди холатҳои бархурди манфиатҳо ва ба диққати ҳайати кормандон расонидани чунин маълумотҳо дархост ирсол карда шуда, ҳолати мазкур, инчунин ҳуҷҷатҳои аввалия ҷиҳати амал намудани системаи мутобиқат ба стандартҳои ахлоқӣ (этикӣ) мавриди санҷиш қарор дода мешавад.

**Рафтори ношоистаи номутобиқ**

– пешниҳоди дархост ба роҳбарияти ташкилот оиди ҷой доштани муроҷиатҳо дар бораи рафтори ношоиста ва риоя нагардидани системаи хариди давлатии таҳти санҷиш қарор дошта;

– санҷиши ҳолати хабардор кардани мақомотҳои дахл-

дори ҳокимият ва баррасӣ гардидани ҳама гуна амалҳои вайронкунӣ ва риоя нагардидани системаи хариди давлатӣ, ки дар рафти аудитҳои қаблӣ ошкор карда шудаанд;

– пешниҳоди дархост ба роҳбарияти ташкилот вобаста ба ҳолатҳои ҷой доштани амалҳои сохтакорӣ аз ҷониби довталабон ва молтаъминкунандагон ва дар сурати ҷой доштани чунин амалҳо ҳолатҳои бекор намудани қарордодҳо;

– дар сурати дар ташкилоти мавриди аудит қарор гирифта ҷой доштани тартиби хабаррасонӣ дар бораи қоидавайронкуниҳо, санҷиши ин тартиб ва қарорҳои қабулгардида дар ин самт, амалҳои вобаста ба ислоҳ намудани камбудиҳо, инчунин муҳокимаи ин масъала бо аудити дохилӣ;

– пешниҳоди дархост ба роҳбарияти ташкилот оиди ворид гардидани шикоятҳо вобаста ба раванди хариди давлатӣ аз иштирокчиёни озмунҳо ва чораҳои андешидашуда вобаста ба он.

**Санҷиш аз рӯи моҳият**

Санҷиши қайдҳо ва ҳуҷҷатҳо дар мавзӯҳои зерин:

– номгӯи ғайримуқаррарии молтаъминкунандагон ва суроғаи онҳо;

– ба ҷои ҳуҷҷатҳои аслӣ (ҳисобҳо, дархости харид ва ғ.) қабул гардидани нусхаи ҳуҷҷатҳо;

– фармоиши маводҳое, ки бо шумораи дахлдор дар ихтиёр доранд;

– фармонҳои аз эътибор соқит намудани маводҳо бинобар хурдашавии онҳо;

– фармоиши маводҳои ба фаъолияти ташкилот дахл надошта;

– хариди молу мавод (дар ифодаи шуморавӣ), ки тасдиқи роҳбарияти зинаи дигарро талаб намекунад;

– хариди қисм ба қисм тибқи дархост бар хилофи қоидаҳои амалкунанда;

– пардохти молтаъминкунандагон бар хилофи системаи хариди давлатӣ;

– имзои роҳбарон ва дигар нозирон дар ҳуҷҷатҳо, ки одатан аз ҷониби дигар тобеъон ба иҷро расонида шудааст;

– молтаъминкунандагон, ки қисмати зиёди қарордодҳои ташкилотҳои бахши давлатиро иҷро менамоянд;

– нархҳои баланд нисбат ба нарҳои дар бозор амалкунанда, махсусан ҳангоми хариди шумораи зиёди молҳо;

– намунаи қарордодҳое, ки аз рӯи он ивазшавии нархҳои таклифшуда дар байни молтаъминкунандагонро муқаррар намудан мумкин аст;

– сифати паст дар ҳамбастагӣ ба нархи баланд ва нишонаҳои баланди молҳои нуқсондор;

– сарчашмаи ягонаи харид дар ҳама гуна харидҳои ҳаҷми калон;

– татбиқи аз ҳад зиёди равандҳои истисноӣ, кутоҳкардашуда ва фавқуллодаи харид.

## Ворид намудани тасҳеҳот (ислоҳ) ба буҷет

– боварӣ ҳосил намудан дар бораи мутобиқат доштани раванди буҷетӣ ба талаботи қонунгузорӣ;

– боварӣ ҳосил намудан дар бораи тасдиқи дахлдори буҷет;

– аз назар гузаронидани раванди омода намудани ҳисоботҳои моҳона, буҷет ва иҷроиши воқеии он;

– омӯзиши ҳолатҳои истисно кардан (хароҷоти барзиёд ва пурра маблағгузорӣ нагардидан), сабабҳои он ва чораҳои андешидашуда;

– дар сурати зарурӣ собит сохтани ҳолати маъқул дониста шудани тасҳеҳот (ислоҳ) ба буҷет;

– санҷиши ҳама гуна ҳолатҳои тасҳеҳоти (ислоҳ) муҳими буҷет, аз ҳад зиёд интиқоли воситаҳо аз рӯи барномаҳо, ки наздик ба охири сол ва ё баъди анҷоми сол гузаронида шудааст ва сабабҳои он;

– санҷиши ҳисоботи иҷроиш дар мавзӯи ба таври зиёд иҷро нагардидани мақсадҳои гузошташуда тибқи нақшаҳои стратегӣ, хароҷоти барзиёд ва ба таври дахлдор маблағгузорӣ нашудан дар охири муҳлат;

-дар сурати зарурӣ санҷиши тамоми тасҳеҳотҳои (ислоҳ) буҷетӣ дар мавзӯи тасдиқи дахлдор ва саривақтии он аз ҷониби мақоми қонунгузор, ки наздик ба охири сол ва ё баъди анҷоми он гузаронида шудааст.

**Хароҷотҳои кормандон**

Бо мақсади ошкор намудани ҳолатҳои зерин, сафарҳои хизматӣ ва ҳисоботҳо оиди хароҷотҳо санҷида мешавад:

– хароҷотҳои шахсӣ;

– талаботҳо вобаста ба зист, хурок ва дигар ҳолатҳо, ки ба санадҳои меъёрӣ мутобиқат надорад;

– аз ҷониби шахси дорои ваколат набуда иҷозат дода шудааст;

– санаҳои ғайримуқаррарӣ ва бе мантиқ ва дигар ҷузъиёте, ки ба хароҷотҳои талабшаванда алоқамандӣ доранд.

**Санҷиши табели баҳисобгирӣ бо мақсадҳои зерин:**

– тасдиқи иҷозат аз ҷониби шахси дорои ваколат набуда;

– маълумотҳои мадди назар гардида, ғайримуқаррарӣ ва тағйирдодашуда дар табели баҳисобгирӣ, махсусан ҳолатҳои такроршаванда нисбати ҳамон як корманд;

– шумораи аз ҳад зиёд ва ё ғайримуқаррарии вақти зиёда аз вақти муқаррарӣ;

– истифодаи ғайримуқаррарӣ ва номутобиқи рамзҳои муваққатӣ ва ё рамзҳои таснифотии кормандон.

**Бо мақсади муайян намудани ҳолатҳои зерин моҳиятан санҷиш намудани ведомостҳои музди меҳнат:**

– шумораи аз ҳад зиёд ва иҷозат дода нашудаи вақти зиёда аз вақти муқаррарӣ;

– тағйиротҳои ҷузъии ғайримуқаррарӣ нисбат ба ҳаҷмҳои воқеии иҷрошудаи буҷетӣ ва ё тағйиротҳои мавсимӣ;

– пардохт ба суратҳисобҳои ғайримуқаррарии бонкӣ;

– муқоисаи маълумотҳо оид ба музди меҳнати корманд ва ё гурӯҳи кормандон дар охири сол бо стандартҳои дараҷаи пардохтҳо ба категорияи амалкунандаи чунин кормандон.

**Санҷиши тартиби қабул ба кор, инчунин назорат ва санҷиши ҳолатҳои зерин:**

– ба таври дахлдор эълон намудани озмуни ишғоли мансабҳои холӣ ва баргузории он тибқи талаботҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

– риояи таҷрибаи дахлдор зимни ба кор қабул намудан (тавсияномаҳо, тавсифномаҳо ва ғ.);

– баррасии ҳолатҳои ҷой доштани муносибатҳои барқасдона ва муносибатҳои хешу таборӣ;

– баррасии шикоятҳо вобаста ба ҳолатҳои қабул ба кор.

## ЗАМИМАИ 3

**Намунаҳои иловагии ҳолатҳо дар муҳити бахши давлатӣ, ки ба эҳтимолияти ҷой доштани ҳолатҳои сохтакорӣ ишора менамояд**

**Намунаи ҳолатҳои эҳтимолияти ҷой доштани таҳрифгариҳои муҳим дар ҳисоботи молиявӣ, ки дар натиҷаи сохтакорӣ ба миён омадааст**

**Ихтилофҳо дар ҳисоботҳои муҳосибӣ**

– аз ҳад зиёд иваз намудани амалиётҳо байни фондҳо ва барномаҳо.

**Равандҳои ғайримуқаррарии буҷетӣ**

– тасҳеҳоти (ислоҳ) нисбатан зиёди буҷетӣ;
– тасдиқ нагардидани тасҳеҳоти (ислоҳ) буҷетӣ;
– ҳаҷмҳои нисбатан зиёди хароҷоти барзиёд ва ё воситаҳои хароҷот нагардида;
– маълумотҳо вобаста ба иҷроиш ба ҳолатҳои таҳвил нагардидани ҳаҷми зиёди молҳо нишон медиҳанд.

**Раванди хариди давлатӣ**

– баҳсҳои судӣ;
– мавҷуд набудани қонунгузорӣ дар соҳаи хариди давлатӣ;
– тағйиротҳои ба наздикӣ вориднамуда ба қонунгузорӣ дар соҳаи хариди давлатӣ;
– ҷалби ҳаҷмҳои нисбатан зиёди воситаҳои молиявӣ (ба монанди соҳаи мудофиа);

– назорати мақомотҳои идоракунии ҳокимияти давлатӣ;

– шикоятҳои молтаъминкунандагони иқтидорманд вобаста ба таҷрибаи ғайриодилонаи интихоб ва гузаронидани озмун (тендер);

– собиқ хизматчиёни давлатии дорои ваколатҳои иҷроия дар ширкатҳое, ки дар озмунҳо (тендерҳо) ғолиб омадаанд.

**Грантҳо ва маблағгузории донорҳо**

– мутобиқат надоштан бо талаботҳои додани грант;

– талаботҳои номаълуми пешниҳоди грант;

– грантҳо, ки ба гирандагони аввал ба нақша гирифташуда нарасидааст;

– шикоятҳо аз гирандагони ба нақша гирифташуда ва дигар гурӯҳҳои манфиатдор.

**Активҳо**

– бидуни иҷозати дахлдор истифодаи активҳо;

– таҷҳизотҳо, ба монанди телефонҳои мобилӣ, видеокамераҳо, компютерҳо, воситаҳои нақлиёт ва ғ., ки ба истифодаи шахсӣ равона гардида, истифодаи барномавии он таъмин карда намешавад;

– активҳои моддӣ, ба монанди биноҳои истифоданашаванда ва ё корношоям, заминҳои холӣ, таҷҳизотҳои партофташуда ва ғ., ки метавонад мавриди истифодаи шахсӣ қарор дода шавад ва ё тақсим карда шавад;

– гум кардани маводҳо, аз ҷумлаи шиноснома ва дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, ки дар раванди фаъолияти махфии давлатӣ истифода бурда мешавад.

**СТАНДАРТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АУДИТ 240**

# УҲДАДОРИҲОИ АУДИТОР НИСБАТИ ҲОЛАТҲОИ СОХТАКОРӢ ЗИМНИ ГУЗАРОНИДАНИ АУДИТИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

**(аз 15 декабри соли 2009 мавриди амал қарор дода шудааст)**

Стандарти байналмилалии аудит (СБА) 240 «Уҳдадориҳои аудитор нисбат ба ҳолатҳои сохтакорӣ зимни гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ» дар ҳамбастагӣ бо Стандарти байналмилалии аудит (СБА) 200 «Мақсадҳои умумии аудитории мустақил зимни гузаронидани аудит тибқи Стандартҳои байналмилалии аудит» татбиқ карда мешавад.

## М У Н Д А Р И Ҷ А

**Муқаддима**
Соҳаи татбиқи СБА ............ 35
Тавсифи сохтакорӣ ............ 35
Масъулият барои пешгирӣ ва ошкор намудани сохтакорӣ ............ 36
Санаи мавриди амал қарор гирифтан ............ 38

**Мақсадҳо** ............ 39
**Мафҳумҳо** ............ 39

**Талаботҳо**
Шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) ............ 40
Муҳокимаронӣ бо аъзоёни гурӯҳ бо Созишнома ............ 40
Чорабиниҳо оид ба арзёбии хавф ва амалҳои ба он вобаста ............ 41
Муайян ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи сохтакорӣ ба миён омадааст ............ 43
Амалҳои ҷавобӣ ба хавфи таҳрифкориҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи сохтакорӣ ба миён омадааст ............ 44
Арзёбии далелҳои аудиторӣ ............ 47
Ғайриимкон гардидани идомаи корҳо бо Созишнома аз ҷониби аудитор ............ 48
Пешниҳоди хаттӣ ба роҳбарияти субъект ............ 49
Хабардор кардани роҳбарияти субект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ ............ 50
Хабардор кардани мақомотҳои идоракунӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ............ 51
Таҳияи ҳуҷҷатҳо (ҳуҷҷат кардан) ............ 51

**Дастур оид ба татбиқ ва маводҳои тафсирдиҳанда**
Тавсифи сохтакорӣ ............ 53
Шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) ............ 57

Муҳокимаронӣ бо аъзоёни гурӯҳ бо Созишнома............58
Чорабиниҳо оид ба арзёбии хавф ва амалҳои ба ба он вобаста.........................................................................60
Айнияткунонӣ ва арзёбии хавфи таҳрифкориҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи сохтакорӣ ба миён омадааст........67
Амалҳои ҷавобӣ ба хавфи таҳрифкориҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи сохтакорӣ ба миён омадааст ........................69
Арзёбии далелҳои аудиторӣ.............................................80
Ғайриимкон гардидани идомаи корҳо бо Созишнома аз ҷониби аудитор..........................................................82
Пешниҳоди хаттӣ ба роҳбарияти субъект........................83
Хабардор кардани роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ...............................................84
Хабардор кардани мақомоти идоракунӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.......................................................................86

**Замимаи 1:** намунаи омилҳои хавфи сохтакорӣ.............88

**Замимаи 2:** намунаи чорабиниҳои эҳтимолии аудиторӣ нисбати хавфҳои арзёбигардидаи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи сохтакорӣ ба миён омадааст....................................................................98

**Замимаи 3:** Намунаи ҳолатҳое, ки аз эҳтимолияти ҷой доштани амалҳои сохтакорӣ шаҳодат медиҳанд. ...105

# МУҚАДДИМА

## Соҳаи татбиқи СБА

1.Стандарти байналмилалии аудит (СБА) 240 уҳдадориҳои аудитро нисбат ба ҳолатҳои сохтакорӣ зимни гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ муқаррар намуда, аниқтараш татбиқи меъёрҳои СБА 315 ва СБА 330-ро бинобар таҳрифгариҳои муҳим, ки дар натиҷаи ҷой доштани ҳолатҳои сохтакорӣ ба миён омадааст, шарҳ медиҳад.[1–2]

## Тавсифи сохтакорӣ

2. Таҳрифгариҳо дар ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи сохтакорӣ ва дигар хатогиҳо ба миён омада, омили фарқкунандаи сохтакорӣ аз хатогӣ дар хусусияти қасдона ва ё бе қасди амалҳое, ки ба таҳрифгариҳои ҳисоботи молиявӣ боис гардидааст, ифода меёбад.

3. Мафҳуми сохтакорӣ мафҳуми васеи ҳуқуқӣ буда, тибқи СБА аз ҷониби аудитор амали сохтакорие, ки боиси таҳрифгариҳои ҷиддии ҳисоботи молиявӣ гардидааст, баррасӣ карда мешавад. Аудитор бо ду намуди таҳрифгариҳои қасдона дар ҳисоботи молиявӣ рӯ ба рӯ мешавад:

– таҳрифгариҳо бо роҳи сохтакорӣ;

– таҳрифгариҳо бо роҳи азонихудкунии ғайриқонунии активҳо.

Бо вуҷуди гумон бурдани аудитор дар бораи ҳолатҳои сохтакорӣ ва ё ошкор намудани чунин ҳолатҳо, содир

---

[1] СБА 315 «Айнияткунонӣ ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар асоси доштани маълумот дар бораи субъект ва муҳити он»

[2] СБА 330 «Амалҳои ҷавобии аудитор ба хавфҳои арзёбӣ гардида»

шудани ҳолати сохтакориро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ муқаррар карда наметавонад (ниг. ба параграфи А1-А6).

**Масъулият барои пешгирӣ ва ошкор намудани сохтакорӣ**

4. Масъулияти асосӣ ҷиҳати пешгирӣ ва ошкор намудани сохтакорӣ ба зиммаи роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ вогузор карда шудааст. Ба шахсони зикршуда зарур аст, ки вобаста ба пешгирӣ намудани ҳолатҳои сохтакорӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор мавқеи дурустро интихоб намуда, ин ҳолат метавонад эҳтимолияти рӯй додани сохтакориҳоро барҳам зада, бинобар эҳтимолияти ошкор шудан ва ба ҷавобгарӣ кашидан тафаккури кормандон дар ин самт дигаргун мегардад.

Назорати фаъоли шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ кушиши роҳбарияти субъектро ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид ба риояи маданияти ростқавлӣ ва рафтори ахлоқӣ (этикӣ) афзун намуда, дар баробари ин имкониятҳои роҳбарияти субъектро оиди мадди назар накардани системаи назорати дохилӣ ва ё ин ки расонидани таъсири ғайриқонунӣ ба раванди пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мавриди омӯзиш қарор диҳанд, ки ба ин ҳолат кушишҳои роҳбарияти субъект оиди сохтакорӣ намудани даромадҳо бо мақсади расонидани таъсир ба маълумотҳои таҳлилгарон оиди даромаднокӣ ва натиҷаи фаъолияти субъект мисол шуда метавонад.

**Ӯҳдадориҳои аудитор**

5. Аудитори тибқи талаботи СБА аудитро амалӣ намуда, барои ба даст овардани боварии қатӣ оиди ҷой надоштани таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар ҳисоботи молиявӣ дар

маҷмӯъ, ки ба ҳолатҳои сохтакорӣ алоқаманд аст, масъул мебошад.

Бо вуҷуди ба таври дахлдор банақшагирӣ ва иҷрои аудит тибқи талаботи СБА, бинобар маҳдудиятҳои маҳдуди ба аудит хос, хавфи ногузири ошкор нагардидани баъзе аз таҳрифгариҳои муҳими ҳисоботи молиявӣ боқӣ мемонад.[1]

6. Тавре дар СБА 200 нишон дода шудааст, оқибатҳои имконпазири маҳдудиятҳои дохилӣ (маҳдудиятҳои ҷудоинопазир) дар ҳолатҳои таҳрифгариҳои бо сохтакорӣ алоқаманд махсусан муҳим буда, дар ин маврид хавфи ошкор накардани таҳрифгариҳои ҷиддӣ нисбат ба хавфи таҳрифгариҳои ба дигар хатогиҳо алоқаманд баландар мебошад, чунки зимни амалҳои сохтакорӣ нақшаҳои мураккаби таҳрезӣ шуда, ба монанди барқасдона дар ҳисоботҳо нишон надодани амалиётҳо ва ё барқасдона пешниҳод шудани маълумотҳои таҳрифшуда ба аудитор аз ҷониби роҳбарияти субъект татбиқ карда мешавад.[2]

Ошкор намудани чунин рӯйпӯшкуниҳо бинобар забоняккунӣ мушкил гардида, дар чунин ҳолат аудитор метавонад дар бораи эътимоднок будани далелҳо изҳори ақида намояд, ки дар асл далелҳо бардурӯғ мебошанд.

Қобилияти аз ҷониби аудитор ошкор намудани сохтакориҳо ба омилҳои муайян, ба монанди маҳорати қоидавайронкунандаҳо, такрорёбӣ ва миқёси сохтакориҳо, дараҷаи забоняккунӣ, андозаи нисбии ҳаҷми маблағҳои сохтакорӣ мешуда ва даст доштани роҳбарияти субъект дар сохтакориҳо вобастагӣ дорад.

Гарчанде аудитор эҳтимолияти имконпазири сохта-

[1] СБА 200 «Мақсадҳои умумии аудитории мустақил зимни гузаронидани аудит тибқи Стандартҳои байналмилалии аудит», параграфи 51.
[2] СБА 200, параграфи 51

кориро муайян карда тавонад ҳам, муайян намудани ҳолати ҷой доштани ин ё он таҳрифгариҳо дар мулоҳизарониҳо, ба монанди баҳогузории ҳисобҳо, ки дар натиҷаи сохтакорӣ ва ё хатогиҳо руй додааст, мушкил мебошад.

7. Зиёда аз ин, дараҷаи хавфи ошкор накардани таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи содир гардидани амалҳои сохтакорӣ аз ҷониби роҳбарияти субъект ба миён омадааст, бинобар дорои имкониятҳои мусоид барои амалҳои сохтакории бавосита ва бевоситаи нишондодҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, пешниҳоди маълумотҳои сохтакоришудаи молиявӣ, мадди назар намудани чорабиниҳои назоратӣ будани онҳо, нисбат ба дараҷаи хавфи ошкор накардани хавфи ба амалҳои сохтакории дигар кормандон алоқаманд баланд мебошад.

8. Дар баробари ба даст овардани боварии қатъӣ аудитор бояд дар тамоми рафти аудит ба принсипи шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) такя намуда, имконияти беэътиноии роҳбарияти субъектро нисбати воситаҳои назорат мавриди баррасӣ қарор дода, ҳолати самарабахш набудани чорабиниҳои аудитории андешидашударо барои ошкор кардани ҳолатҳои сохтакорӣ низ ҳамеша ба эътибор гирад.

Талаботҳои СБА-и мазкур бо мақсади мусоидат намудани аудитор дар самти муайян намудан ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи сохтакориҳо ба миён омадаанд ва таҳияи чорабиниҳо ҷиҳати ошкор намудани чунин таҳрифгариҳо таҳия гардидааст.

## Санаи мавриди амал қарор гирифтан

9. СБА-и мазкур аз15 декабри соли 2009 мавриди амал қарор дода мешавад.

**Мақсадҳо**

10. Мақсади аудитор иборат аст аз:

(а) муайян намудан ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ҳисоботи молиявӣ, ки ба ҳолатҳои сохтакорӣ алоқаманд аст;

(б) бо роҳи таҳия ва амалӣ намудани амалҳои ҷавобии дахлдор ба даст овардани далелҳои кофӣ ва эътимодноки аудиторӣ нисбати хавфҳои арзёбигардидаи таҳрифкориҳои ҷиддии ба ҳолатҳои сохтакорӣ алоқаманд;

(в) андешидани амалҳои ҷавобии дахлдор ба ҳолатҳои сохтакории айниятикардашуда ва ё гумонкардашуда дар рафти аудит.

**Мафҳумҳо**

11. Истилоҳҳои дар Стандарти байналмилалии аудит истифодашванда мазмуни зайлро ифода менамоянд:

(а) **Сохтакорӣ** – амалҳои барқасдонаи аз ҷониби як ва ё чанд нафар шахсони роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ содиршуда ва ё тарафи сеюм, ки бо мақсади ба даст овардани афзалияти ғайриқонунӣ аломатҳои фиребгариро доро мебошад;

(б) **омилҳои хавфи сохтакорӣ** – ҳолат ва шароитҳои ба ҷой доштани омилҳои моддӣ ва фишороварӣ далолаткунанда, ки ба содир намудани амалҳои сохтакорӣ ва ё фароҳам овардани имконияти содир намудани он водор месозад.

## Талаботҳо

### Шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм)

12. Тибқи талаботи СБА 200 ба аудитор зарур аст, ки банақшагирӣ ва гузаронидани аудитро аз мавқеи шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) ба роҳ монда, имконияти ҷой доштани таҳрифкориҳои ҷиддии ба ҳолатҳои сохтакорӣ алоқамандро новобаста аз таҷрибаи қаблии аудитор вобаста ба поквиҷдонии роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ ба эътибор гирад (ниг. ба параграфи А7-А8).

13. Дар сурати муайян намудани ҳолатҳое, ки аудиторро ба хулоса намудани аслӣ набудани ҳуҷҷатҳо ва ё тағйир дода шудани маълумотҳои он водор месозад, аудитор санҷишро идома дода, дар ҳолати баръакс бошад метавонад қайдҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоро ҳамчун аслӣ эътироф намояд (ниг. ба параграфи А9).

14. Дар сурати мавҷуд будани ихтилофҳо байни ҷавобҳои гирифташуда аз натиҷаи дархостҳои ба роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ ирсолгаргардида, ба аудитор зарур аст, ки ҳолати мазкурро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

### Муҳокимаронихо бо аъзоёни гурӯҳи Созишнома

15. Тибқи талаботи СБА 315 байни аъзоёни гурӯҳи лоиҳа, инчунин вобаста ба қабули қарор аз ҷониби шарики лоиҳа нисбати хабардор намудани дигар аъзоёни гурӯҳ оиди масъалаҳои муайян, ки дар муҳокимаронихо иштирок надоранд, муҳокимаронихо доир карда мешавад.[1]

Зимни муҳокимаронӣ равона намудани диққати мах-

---

[1] СБА 315, параграфи 10

сус ба соҳаи ба таҳрифгариҳои ҷиддӣ дучор гаштаи ҳисоботи молиявӣ ва заминаҳои рух додани ҳолатҳои сохтакорӣ зурур буда, дар баробари ин ба аъзоёни гурӯҳ лозим меояд, ки аз боровариҳои эҳтимолан доштаи худ нисбати поквиҷдонии роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ даст кашанд (ниг. ба параграфи A10-A11).

**Чорабиниҳо оид ба арзёбии хавф ва амалҳои ба он алоқаманд**

16. Зимни иҷрои чорабиниҳо оид ба арзёбии хавф ва амалҳои ба он алоқаманд, бо мақсади пайдо намудани маълумот дар бораи субъект, муҳит ва системаи назорати дохилии он, тибқи талаботи СБА 315 ҷиҳати ба даст овардани маълумот ва истифодаи он барои муайян намудани хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд, ба аудитор зарур аст, ки чорабиниҳои дар параграфҳои 17-24 нишон дода шударо иҷро намояд.

**Роҳбарият ва дигар шахсони субъект**

17. Ба аудитор лозим аст, ки ба роҳбарияти субъект вобаста ба масъалаҳои зерин дархос пешниҳод намояд:

(а) аз ҷониби роҳбарияти субъект арзёбӣ гардидани хавфи ба таври ҷиддӣ таҳрифгарӣ шудани ҳисоботи молиявӣ бинобар амалҳои сохтакорӣ, инчунин хусусият, миқёс ва такрорёбии чунин арзёбӣ (ниг. ба параграфҳои A12-A13);

(б) чорабиниҳои аз тарафи роҳбарияти субъект андешидашуда барои ошкор ва эътино намудани хавфи сохтакорӣ, аз ҷумла хавфҳои махсуси сохтакории аз ҷониби роҳбарияти субъект ошкор гардида ва ё бақияи ҳисобҳо, дараҷаи амалиётҳо ва дигар маълумотҳои молиявӣ, ки

нисбати онҳо эҳтимолияти ҷой доштани хавфи сохтакорӣ мавҷуд аст (ниг. ба параграфи А14);

(в) аз ҷониби роҳбарияти субъект ба диққати шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ расонидани маълумот дар бораи чорабиниҳо ҷиҳати ошкор ва эътино намудани сохтакориҳо;

(г) аз ҷонби роҳбарияти субъект ба диққати кормандон расонидани нуқтаи назари худ ба таҷрибаи пешбурди тиҷорат ва рафтори ахлокӣ (этикӣ).

18. Ба аудитор зарур аст, ки ба роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ ҷиҳати муайян намудани хабардорӣ ва ё гумон доштани онҳо дар бораи ҳама гуна ҳолатҳои сохтакории ба субъект алоқаманд дархос ирсол намояд (ниг. ба параграфҳои А15-А17).

19. Дар сурати амал намудани хадамоти аудити дохилӣ, ба аудитор лозим меояд, ки оиди муайян намудани ҳолатҳои ҷой доштани ҳолатҳои сохтакорӣ ва нуқтаи назари дахлдор ба хавфи сохтакорӣ ба хадамоти зикргардида дархост ирсол намояд (ниг. ба параграфи А18).

## Шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ

20. Ба истиснои ҳолатҳое, ки тамоми шахсони дорои ваколати роҳбарӣ дар идоракунии субъект ҷалб шудаанд, ба аудитор муайян намудани амалисозии назорати иҷрои чорабиниҳо аз тарафи ин шахсон ҷиҳати муайян намудани хавфи сохтакорӣ ва хафи системаи назорати дохилӣ ва арзёбии он зарур мебошад (ниг. ба параграфҳои А19-А21).

21. Ба ҳамин монанд, инчунин ба аудитор зарур аст, ки шахсони дорои ваколатҳои роҳбариро вобаста ба маълум будан ва ё гумон доштани онҳо дар бораи ҳолатҳои сохтакорӣ пурсида, бо ҳамин роҳ ҷавобҳои хаттии аз роҳбарияти субъект гирифтаашро дар ин мавзӯъ тасдиқ намояд.

**Муносибатҳои ғайримуқаррарӣ ва ғайричамшдошт**

22. Аз тарафи аудитор баҳогузорӣ шудани таъсири муносибатҳои ғайримуқаррарӣ ва ғайричашмдошт, ки дар рафти чорабиниҳои таҳлилӣ айният карда шудааст, ба хавфи таҳрифкориҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд зарур мебошад.

**Маълумотҳои дигар**

23. Инчунин, ба аудитор зарур аст, ки аҳамияти дигар маълумотҳоро ҷиҳати муайян намудани хавфи таҳрифкориҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд, баррасӣ намояд.

**Арзёбии омилҳои хавфи сохтакорӣ**

24. Ба аудитор зарур аст, ки маълумотҳои дар натиҷаи гузаронидани дигар чорабиниҳо ва амалҳои бо он алоқаманд ба даст овардаро арзёбӣ намуда, имконияти мусоидати онро ба муайян намудани як ё якчанд омилҳои хавфи аудиторӣ баррасӣ намояд.

Новобаста аз он ки омилҳои хавфи сохтакорӣ ба таври ҳатмӣ ба ҷой доштани ҳолати сохтакорӣ ишора накунад ҳам, дар аксарияти ҳолатҳо ин омилҳо зимни сохтакориҳо дучор гардидаанд ва аз ин хотир метавонанд ба ҷой доштани таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд ишора намоянд (ниг. ба параграфҳои А23-А27).

**Муайян ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд**

25. Тибқи талаботи СБА 315 ба аудитор зарур аст, ки хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар лаҳзаҳои ҳисоботи молиявӣ ва қабули қарорҳо оид ба

дарачаи амалиётҳо, бақияи ҳисобҳо ва дигар маълумотҳои молиявӣ муайян (айнияткунонӣ) ва арзёбӣ карда шавад.[1]

26. Ҳангоми муайян ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакориҳо алоқаманд ,ба аудитор лозим аст, ки ба фарзияи ҷой доштани таҳрифгариҳо дар самти ба эътибор гирифтани даромадҳо такя намуда, ба кадом намуди даромадҳо, амалиётҳои даромадӣ ва ё қабули қарорҳо боис шудани чунин хавфҳоро арзёбӣ намояд.

Бо параграфи 47 тартиби таҳияи ҳуҷҷати зарурӣ зимни қобили татбиқ набудани фарзия ва ҳамчун хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд рабт надоштани намудҳои даромад, муайян карда шудааст (ниг. ба параграфҳои А28-А30).

27. Ба аудитор зарур аст, ки хавфҳои арзёбигардидаи таҳрифгариҳои ба сохтакорӣ алоқамандро ҳамчун таҳрифкориҳои нисбатан ҷиддӣ баррасӣ намуда, ҳамзамон маълумотҳои дахлдорро вобаста ба воситаҳои дахлдори назорат ва амалҳои назоратӣ нисбати чунин хавфҳо ба даст биёрад (ниг. ба парагарафҳои А31-А32).

## Амалҳои ҷавобӣ ба хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд

### Муносибаи умумӣ

28. Тибқи талаботи СБА 330 ба аудитор лозим аст, ки ҳамчун амалҳои ҷавобӣ ба хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар зинаи ҳисоботи молиявӣ муносибати умумиро муайян намояд (ниг. ба параграфи А33).

29. Ҳангоми муайян намудани муносибати умумӣ дар ҷавоби хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ

[1] СБА 315, параграфи 25

алоқаманд дар зинаи ҳисоботи молиявӣ ба аудитор зарур аст, ки амалҳои зеринро роҳандозӣ намояд:

(а) бо дарназардошти дониш, малака ва қобилияти кордонӣ ҳайати кормандонро, ки ҷиҳати иҷрои созишнома масъулияти бештар доранд, таъин намуда, фаъолияти онҳоро назорат карда, дар баробари ин арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқамандро бо созишномаи мазкур таъмин намояд (ниг. ба параграфҳои А34-А35);

(б) арзёбии интихоб ва татбиқи принсипҳои мушаххаси сиёсати баҳисобгирӣ аз ҷониби субъект, ки бо арзёбии субъективӣ ва аҳдҳои мураккаб алоқамандӣ дошта, боиси сохтакории даромадҳо гардидааст;

(в) ба инобат гирифтани паҳлуҳои пешгӯинашаванда зимни интихоби хусусият, муҳлати иҷро ва миқёси чорабиниҳои аудиторӣ (ниг. ба параграфи А36).

## Чорабиниҳои аудиторӣ вобаста ба хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар зинаи қабули он

30. Тибқи талаботи СБА 330 ба аудитор зарур аст, ки чорабиниҳои минбаъдаи аудиториро, ки хусусият, муҳлати иҷро ва миқёси он ба арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд ҷавобгӯ мебошад, дар зинаи қабули он таҳия ва иҷро намояд (ниг. ба параграфҳои А37-А40).[2]

## Чорабиниҳои аудитории ҷавобӣ ба хавфи алоқаманд ба эътибор нагирифтани воситаҳои назорат аз ҷониби роҳбарияти субъект

31. Роҳбарияти субъект дар муҳите қарор дорад, ки барои содир намудани сохтакории маълумотҳои баҳисобги-

рии муҳосибӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии сохтакоришуда ва мадди назар кардани воситаҳои назорат мусоид мебошад. Хавфи ба эътибор нагирифтан ва мадди назар намудани воситаҳои назорат ба ҳама намуди субъектҳо хос мебошад. Азбаски усулҳои мадди назар кардани воситаҳои назорат аз ҷониби роҳбарияти субъект пешгӯинашаванда аст, хавфи мазкур ҳамчун хавфи нисбатан муҳим ба ҳисоб меравад.

32. Новобаста аз арзёбии хавфи аз ҷониби роҳбарияти субъект мадди назар намудани воситаҳои назорат, ба аудитор зарур аст, ки чорабиниҳои аудиториро бо мақсадҳои зерин таҳия ва ба иҷро расонад:

(а) хусусияти дахлдори китобҳои ба қайдгирии ҳисобҳо дар китоби асосӣ ифода ёфта ва дигар тасҳеҳотҳои (ислоҳ) дар рафти омода намудани ҳисоботи молиявӣ амалӣ гаштаро мавриди санҷиш қарор дода, ҳамчунин ба аудитор зарур аст:

(i) ба шахсони дар раванди пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ҷалб гардида вобаста ба амалҳои ғайриқонунӣ, ки ба коркарди китобҳои ба қайдгирии ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотҳо (ислоҳ) алоқаманд аст, дархост иросол намояд;

(ii) китобҳои ба қайдгири ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳетҳоро (ислоҳ), ки дар анҷоми давраи ҳисоботӣ амалӣ карда шудааст, талаб карда гирад;

(iii) зарурати санҷиши китобҳои ба қайдгирии ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотҳои (ислоҳ) дар тамоми тули давраи ҳисоботӣ гузаронидаро мавриди баррасӣ қарор диҳад (ниг. ба параграфҳои А41-А44).

(б) нархгузориҳои ҳисоббаробаркуниро ҷиҳати муайян намудани саҳеҳии он ва таъсири онро ба хавфи таҳрифгариҳои муҳими ба сохтакорӣ алоқаманд аз назар гузаронида, инчунин иҷрои амалҳои зеринро таъмин намудан зарур аст:

(i) арзёбии мулоҳиза ва қарорҳои қабулнамудаи

роҳбарияти субъект зимни ташаккули нархгузориҳои ҳисоббаробаркунӣ ва муайян намудани муносибати ғаразноки роҳбарият, ки метавонад ба хавфи таҳрифгариҳои мухими ба сохтакорӣ алоқаманд таъсир дошта бошад. Дар чунин ҳолат,ба аудитор зарур аст, ки дар маҷмӯъ ҳисоббаробаркуниҳоро аз нав нархгузорӣ намояд;

(ii) аз нуқтаи назари аз нав дида баромадани мулоҳизаҳо ва мадди назаркуниҳои роҳбарияти субъектро вобаста ба нархгузориҳои ҳисоббаробаркуниҳои нисбатан муҳим, ки дар ҳисоботҳои молиявии соли гузашта ифода ёфтаанд, аз назар гузаронад (ниг. ба параграфҳои А45-А47).

(в) вобаста ба амалиётҳои нисбатан муҳим, ки аз доираи фаъолияти муқаррарии хоҷагидорӣ берун мебароянд ва ё бо сабабҳои гуногун ғайримуқаррарӣ ба ҳисоб меравад, бо дарназардошти маълумотҳои ба даст овардаи аудитор оид ба субъект ва муҳити он ба аудитор зарур аст, ки асоснокии амалиётҳоро муайян намуда, эҳтимолияти бо мақсади сохтакорӣ намудани ҳисоботи молиявӣ ва ё рӯйпуш намудани азонихудкунии ғайриқонунии активҳо равона гардидани чунин амалиётҳоро муқаррар намояд (ниг. ба параграфи А48).

33. Ба аудитор зарур аст, ки нисбати хавфҳои айниятгардашудаи мадди назаркунии воситаҳои назорат аз ҷониби роҳбарияти субъект, дар баробари чорабиниҳои таҳиягардида ба иҷро расонидани чорабиниҳои дигарро низ баррасӣ намояд.

### Арзёбии далелҳои аудиторӣ (ниг. ба параграфи А49)

34. Ба аудитор зарур аст, ки масъалаи мусоидат намудани чорабиниҳои таҳлилиро, ки наздик ба анҷоми аудит зимни ташаккули хулосаи умумӣ оиди мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ба маълумотҳои дар даст дошта оиди субъ-

ект ва муҳити он гузаронида шудааст, ба хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд, ки пештар эътироф нагардида буд, баррасӣ намояд (ниг. ба параграфи A50).

35. Дар сурати ошкор намудани таҳрифгариҳо ба аудитор зарур аст, ки ба сохтакорӣ алоқаманд будани онро муайян намуда, дар сурати ҷой доштани чунин ҳолат оқибатҳои онро ба дигар ҷанбаҳои аудит, махсусан саҳеҳии маълумотҳои пешниҳоднамудаи роҳбарияти субъект баррасӣ намуда, ягона набудани ҳолатҳои сохтакориро дарк намояд (ниг. ба параграфи A51).

36. Дар сурати ошкор гардидани таҳрифгариҳои ба сохтакорӣ алоқаманд новобаста аз дараҷаи ҷиддӣ будани он, ки дар натиҷаи амалҳои сохтакории роҳбарияти субъект (махсусан роҳбарияти болоӣ) ба миён омадааст, ба аудитор зарур аст, ки хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд, таъсири он ба хусусият, муҳлати иҷро ва миқёси чорабиниҳои аудиториро ҷавобан ба хавфҳои арзёбигардида, такроран арзёбӣ намояд. Инчунин, ҳангоми баррасии эътимоднокии далелҳои пештар ба даст оварда, ба аудитор баррасии масъалаи ҷой доштани ҳолати забоняхкунӣ байни роҳбарият, кормандон ва дигар тарафҳо низ зарур мебошад (ниг. ба параграфи A52).

37. Дар сурати тасдиқ гардидани ҳолати ҷой доштани таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар ҳисоботи молиявӣ ва ё ғайриимкон гардидани пешниҳоди хулоса дар ин мавзӯъ бинобар мавҷуд набудани имконияти муайян намудани ин ҳолат, ба аудитор зарур аст, ки оқибатҳои онро арзёбӣ намояд (ниг. ба параграфи A53).

## Аз ҷониби аудитор ғайриимкон гардидани иҷрои Созишнома

38. Дар сурати дучор шудани аудитор ба ҳолатҳои ис-

тисноӣ бар асари таҳрифгариҳои ба сохтакорӣ алоқаманд, ки қобилияти идома додани иҷрои аудитро зери шубҳа мегузорад, ба аудитор иҷрои амалҳои зерин зарур аст:

(а) ҷавобгарии касбӣ ва ҳуқуқии татбиқшавандаро вобаста ба ҳолатҳои мазкур, инчунин талаботҳои ҷойдоштаро вобаста ба хабардор кардани роҳбарияти мақоми аудит ва дигар тарафҳои манфиатдор муқаррар намояд;

(б) дар сурати бо меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардидан, имконияти даст кашидан аз иҷрои созишномаро баррасӣ намояд;

(в) дар сурати даст кашидан аз иҷрои созишнома, аудитор бояд:

(i) бо роҳбарияти зинаи дахлдори субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ даст кашидани худро аз иҷрои созишнома ва сабабҳои онро муҳокима намояд;

(ii) талаботҳои касбӣ ва ҳуқуқии амалкунандаро ҷиҳати хабардор кардани роҳбари аудит ва дигар мақомотҳои манфиатдор вобаста ба ҳолати даст кашидан аз иҷрои аудит ва сабабҳои он муқаррар намояд (ниг. ба параграфи А54-А57).

## Маълумотҳои хаттии роҳбарияти субъект

39. Вобаста ба масъалаҳои зерин ба аудитор зарур аст, ки аз роҳбарияти субъект маълумотҳои хаттиро ба даст орад:

(а) масъулиятдор будани онҳо барои таҳия, ҷорӣ ва дастгирии системаи назорати дохилӣ бо мақсади бартараф ва ошкор намудани сохтакориҳо;

(б) кушода додани натиҷаи арзёбии таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар ҳисоботи молиявӣ;

(в) кушода додани маълумот дар бораи сохтакорӣ ва ё гумони сохтакорӣ бо иштироки:

(i) роҳбарияти субъект;

(ii) кормандони дар системаи назорати дохилӣ мавқеи нисбатан муҳим дошта;

(iii) дигар шахсон, агар ин сохтакорӣ ба ҳисоботи молиявӣ таъсири ҷиддӣ расонида тавонад.

(г) кушода додани маълумот дар бораи кирдорҳои сохтакории ба ҳисоботи молиявӣ таъсирдошта, ки аз ҷониби кормандон, кормандони собиқ, таҳлилгарон, мақомотҳои идоракунӣ ва дигар сарчашмаҳо ба даст оварда шудааст (ниг. ба параграфҳо A58-A59).

**Хабардор кардани роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ**

40. Дар сурати айният намудани сохтакорӣ ва ё ба даст овардани маълумот дар бораи эҳтимолияти ҷой доштани сохтакориҳо, ба аудитор зарур аст, ки оиди ҳолати мазкур роҳбарияти зинаи дахлдори субъектро хабардор намуда, дар навбати худ шахсони дорои уҳдадориҳо вобаста ба ошкор ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои сохтакорӣ дар бораи ин ҳолатҳо огоҳӣ пайдо менамоянд (ниг. ба параграфи A60).

41. Ба истисноӣ ҳолатҳое, ки тамоми шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ дар раванди идоракунии субъект ҷалб карда шудаанд, шахсони зикргардида дар сурати ошкор кардан ва ё гумони ҳолатҳои сохтакорӣ бо иштироки шахсони зерин хабардор карда мешаванд:

(а) роҳбарияти субъект;

(б) кормандоне, ки мавқеҳои нисбатан муҳимро дар системаи назорати дохилӣ ишғол намудаанд;

(в) дигар шахсон, агар сохтакорӣ ба ҳисоботи молиявӣ таъсири ҷиддӣ расонида тавонад.

Дар сурати ҷой доштани гумони сохтакорӣ бо иштироки роҳбарияти субъект, ба аудитор зарур аст, ки оиди ҳолати мазкур шахсони дорои ваколатҳои роҳбариро ха-

бардор намуда, масъалаи хусусият, мухлати ичро ва микёси чорабиниҳои аудитории заруриро ҷиҳати анҷоми аудит бо онҳо муҳокима намояд (ниг. ба параграфҳои А61-А63).

42. Инчунин, ба аудитор зарур аст, ки вобаста ба дигар масъалаҳои бо ҳолатҳои сохтакорӣ алоқаманд ва ба доираи ваколатҳои шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ дахл дошта, шахсони зикргардидаро хабардор намояд (ниг. ба параграфи А64).

**Хабардор кардани мақомотҳои идоракунӣ ва ҳифзи ҳуқуқ**

43. Дар сурати ошкор гардидан ва ё гумон намудани ҳолатҳои сохтакорӣ, ба аудитор зарур аст, ки оиди хабардор кардани тарафҳои манфиатдор уҳдадор будани худро муқаррар намояд. Гарчанде уҳдадориҳои касбии аудитор вобаста ба риоя намудани принсипи махфият ҳолати мазкурро истисно намояд ҳам, дар баъзе ҳолатҳо ҷавобгарии ҳуқуқии аудитор бартарӣ дошта метавонад (ниг. ба параграфҳои А65-А67).

**Таҳияи ҳуҷҷатҳо (ҳуҷҷат кардан)**

44. Ба аудитор зарур аст, ки тибқи талаботи СБА 315 дар ҳуҷҷатҳои аудиторӣ ҷанбаҳои зерин, аз қабили маълумотҳои ба даст оварда дар бораи субъект ва муҳити он ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддиро ифода намояд:

(а) қарорҳои муҳими дар рафти муҳокима бо аъзоёни гурӯҳ қабулгардида вобаста ба тамоил доштани ҳисоботи молиявӣ ба таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд;

(б) ҳавфи таҳрифгариҳои ба сохтакорӣ алоқаманди ай-

ният ва арзёбӣ гардида дар зинаи ҳисоботи молиявӣ ва қабули қарорҳо.

45. Тибқи талаботи СБА 330 ба аудитор зарур аст, ки дар ҳуҷҷатҳои аудиторӣ ҷанбаҳои зерин, ки амали ҷавобии аудиторро ба хавфи таҳрифгариҳои муҳими арзёбигардида дар бар мегирад, ифода намояд:

(а) муносибати умумӣ нисбати хавфҳои арзёбигардидаи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар зинаи ҳисоботи молиявӣ, инчунин хусусият, муҳлати иҷро ва миқёси чорабиниҳои аудиторӣ ва алоқаи ин чорабиниҳо бо хавҳои арзёбигардидаи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар зинаи қабули қарорҳо;

(б) натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ, аз ҷумла чорабиниҳои таҳиягардида вобаста ба хавфи эҳтимолияти аз ҷониби роҳбарияти субъект мадди назар гардидани воситаҳои назорат.

46. Дар ҳуҷҷатҳои корӣ ифода намудани маълумот оид ба хабардор кардани роҳбарияти субъект, шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ, мақомотҳои идоракунӣ ва дигар шахсон вобаста ба ҳолатҳои сохтакорӣ зарур мебошад.

47. Дар сурати ба хулоса омадани аудитор дар бораи қобили қабул набудани ҳолатҳои ошкоргардидаи сохтакорӣ ба шартҳои созишнома, ба аудитор зарур аст, ки асоснокии чунин хулосаро ифода намояд

## ДАСТУР ОИД БА ТАТБИҚ ВА МАВОДҲОИ ТАФСИРДИҲАНДА

**Мафҳуми сохтакорӣ**

А1. Сохтакорӣ дар шакли ҳам сохтакории ҳисоботи молиявӣ ва ҳам азонихудкунии ғайриқонунии активҳо, мавҷуд будани омилҳои моддӣ ва фишоровариро ба мақсади дидаву дониста содир намудани сохтакорӣ ва қобилияти собит сохтани дурустии онро дар бар мегирад. Масалан:

– омили моддӣ ва фишороварии ба пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии сохтакоришуда водоркунанда, дар ҳолатҳое ҷой дошта метавонад, ки роҳбарияти субъект аз ҷониби сарчашмаҳои дохилӣ ва ё берунӣ вобаста ба расидан ба нишондодҳои накшавии даромадҳо ва ё ба даст овардани натиҷаҳои молиявии ғайриимкондошта фишорро ҳис менамояд. Бо ҳамин монанд, баъзе шахсони дигар, ки дорои воситаҳои зарурӣ нестанд, қасди азонихуд намудани активҳоро доранд;

– имконияти дидаву дониста содир намудани кирдорҳои сохтакорӣ дар мавриде ҷой дошта метавонад, ки шахси мансаби масъулро ишғолкунанда дар бораи камбудиҳои муайяни системаи назорати дохилӣ маълумот дошта, имконияти мадди назар намудани онро пай мебарад;

– мавқеи ишғолнамудаи баъзе шахсон имконият медиҳад, ки дурустии содир намудани кирдори сохтакории худро собит намояд. Чунин шахсон дорои нуқтаи назар, хусусият ва маҷмӯи арзишҳои ахлоқие (этикӣ) мебошанд, ки ба онҳо имкони дидаву дониста содир намудани кирдорҳои бевиҷдононаро фароҳам меорад. Бо вуҷуди он, ҳолатҳое низ ҷой дошта метавонад, ки бинобар фишоровари ҷиддӣ шахсони бовиҷдон низ даст ба содир намудани сохтакорӣ зада метавонанд.

А2. Ҳисоботи молиявии сохтакорӣ карда шуда таҳрифгариҳои барқасдона, аз ҷумла маблағҳои мадди назар карда шуда ва дигар маълумотҳои молиявиро дар ҳисоботи молиявӣ бо мақсади ба гумроҳи бурдани истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ дар бар гирифта, ҳолати мазкур бинобар кушиши сохтакорӣ намудани даромадҳо аз ҷониби роҳбарияти субъект бо мақсади расонидани таъсир ҷиҳати қабули натиҷаҳои фаъолият ва даромаднокии субъект ба миён меояд. Сохтакории даромадҳо метавонад аз амалҳои хурд, тасҳеҳоти (ислоҳ) ғайриқонунӣ ва ворид намудан тағйирот дар мулоҳизаҳои роҳбарияти субъект оғоз гардида, фишороварӣ ва омилҳои моддӣ метавонад ба васеъ гардидани чунин амалҳо то дараҷаи сохтакории ҳисоботи молиявӣ оварда расонад.

Дар сурати фишороварӣ ҷиҳати баробар шудан ба ҳаҷмҳои дахлдори фуруш ва ё хоҳиши ба дараҷаи максималӣ баланд бардоштани мукофотпулӣ, ки ба натиҷаи фаъолият асос меёбад, роҳбарияти субъект барқасдона чунин мавқеъро ишғол намуда, дар натиҷа ба пешниҳоди ҳисоботи молиявии сохтакоришуда бо роҳи таҳрифкориҳои ҷиддӣ оварда мерасонад.

Роҳбарияти баъзе субъектҳо бо мақсади паст намудани ҳаҷми андозҳо ва ё гирифтани маблағгузориҳои бонкӣ кушиши кам нишон додани даромад ва ё аз ҳад зиёд нишон додани онро метавонанд кунанд.

А3. Ҳисоботи молиявии сохтакоришуда бо роҳҳои зерин имкон дорад:

– фиреб, сохтакорӣ, тағйир додани нишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ё ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда, ки дар асоси он ҳисоботи молиявӣ омода карда мешавад;

– пешниҳоди нишондодҳои нодуруст ва ё барқасдона дар ҳисоботҳои молиявӣ дарҷ накардани ҳолатҳо, амалиётҳо ва дигар маълумотҳои муҳим;

– татбиқи барқасдона ва нодурусти принсипҳои

баҳисобгирии муҳосибӣ нисбати ҳаҷм, дараҷа, усулҳои пешниҳод ва дигар маълумотҳои молиявӣ.

А4. Дар аксари ҳолатҳо сохтакории ҳисоботи молиявӣ ҳолатҳои мадди назар намудани воситаҳои назорат аз ҷониби роҳбарияти субъектро, ки метавонад самаранок фаъолият дошта бошад, дар бар гирифта, мадди назар намудани воситаҳои назорат бо усулҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– инъикос намудани китобҳои ба қайдгирии ҳисобҳо, махсусан наздик ба охири давраи ҳисоботӣ бо мақсади сохтакорӣ намудани натиҷаҳои фаъолияти амалиётӣ ва ё расидан ба дигар мақсадҳо;

– тасҳеҳоти (ислоҳ) новобастаи баҳисобгирӣ ва тағйири мулоҳизаҳо, ки ҷиҳати арзёбии бақияи ҳисобҳо истифода бурда мешавад;

– гузаронидан, эътирофи пешакӣ ва ё мавқуф гузоштани эътирофи ҳолатҳо ва амалиётҳо дар ҳисоботи молиявӣ, ки дар раванди давраи ҳисоботӣ ба миён омадаанд;

– пинҳон ва ё рӯйпуш намудани ҳолатҳое, ки ба ҳаҷмҳои дар ҳисоботи молиявӣ инъикос гардида таъсир расонида метавонад;

– иштирок дар амалиётҳои мураккаби тавре таркибёфта, ки ҳолатҳои молиявӣ ва ё натиҷаҳои молиявии фаъолияти субъектро таҳрифгарӣ карда тавонад;

– тағйир додани қайд ва шартҳои ба амалиётҳои муҳими ғайримуқаррарӣ алоқамандӣ дошта.

А5. Азонихудкунии ғайриқонунии активҳо дуздии активҳои субъектро дар назар дошта, он дар муқоиса ба маблағҳои ҳаҷми кам ва на он қадар муҳим аз ҷониби кормандони субъект содир карда мешавад.

Барои азонихудкунии ғайриқонунии активҳо аз ҷониби роҳбарияти субъект имкониятҳои мусоид, аз қабили имконияти таҳрифгариҳо ва ё рӯйпуш намудани чунин ҳолат мавҷуд аст, ки ошкор намудани он мушкил мебошад.

Азонихудкунии ғайриқонунии активҳо дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– исрофкорӣ (ба монанди ғайриқонунӣ азонихудкунии қарзҳои дебитории дохилшуда ва ё интиқоли даромадҳо аз суратҳисобҳои пӯшида ба суратҳисобҳои кушодаи бонкӣ);

–duzdии активҳои воқеӣ ё моликияти зеҳнӣ (ба монанди дуздии захираҳо барои истифодаи шахсӣ ё фурӯш, дуздии шикастапораҳо барои ҷаллобӣ, забон як кардан бо рақибон барои додани маълумотҳои технологӣ бар ивази маблағ);

– ба таври маҷбурӣ аз ҷониби субъект пардохт намудан барои молу хизматрасониҳои ворид ва амалӣ нагардида (масалан, пардохт ба молтаъминкунандагони қалбакӣ, қафопартоии таъмини мол аз ҷониби молтаъминкунандагон ба фоидаи кормандони субъект бар ивази баланд намудани нарх, пардохти маблағҳо ба кормадони қалбакӣ);

– истифодаи активҳои субъект ба мақсадҳои шахсӣ (масалан, истифодаи активҳо ба сифати гарави қарз ва ё гарави қарзи тарафи манфиатдор).

Азонихудкунии ғайриқонунии активҳо аксаран якҷоя бо қайдҳо ва ҳуҷҷатҳои бардуруғи гумроҳгунанда бо мақсади рӯйпуш намудани ҳолати гум шудани активҳо ва ё истифодаи онҳо ба сифати таъмини кредит бидуни иҷозати дахлдор рух медиҳад.

### Ҷанбаҳои ба субъектони бахши давлатӣ хос

А6. Ухдадориҳои аудитори субъекти бахши давлатӣ вобаста ба сохтакорӣ бо қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии нисбат ба субъекти бахши давлатӣ татбиқшаванда ва ё ваколати аудит муқаррар шуда метавонад. Аз ин хотир, ухдадорҳои аудитори субъекти бах-

ши давлатӣ бо баррасии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ маҳдуд нагардида, метавонад уҳдадориҳои нисбатан васеъ нисбат ба баррасии хавфи сохтакориҳо муқаррар карда шавад.

**Шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) (ниг. ба параграфҳои 12-14)**

A7. Амал намудан аз рӯи принсипи шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) аз нуқтаи назарӣ шубҳа овардан ба маълумот ва далелҳои аудиторӣ, ки ҷой доштани таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқамандро тасдиқ менамоянд, дар назар дошта, зимни он масъалаи эътимоднокии маълумотҳо, ки ба сифати далелҳои аудиторӣ истифода мешаванд ва воситаҳои назорати ба омодашавии чунин маълумотҳо алоқаманд баррасӣ карда мешавад.

Бо дарназардошти хусусияти сохтакорӣ, шубҳаоварии касбии аудитор зимни баррасии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии бо сохтакорӣ алоқаманд махсусан муҳим мебошад.

A8. Гарчанде таҷрибаи қаблӣ нисбати поквиҷдонии роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ пурра аз ҷониби аудитор аз эътибор соқит карда намешавад, бо вуҷуди ин риояи принсипи шубҳаоварии касбӣ аз ҷониби аудитор зимни баррасии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд бинобар эҳтимолияти тағйир ёфтани вазъият хело муҳим ба ҳисоб меравад.

A9. Аудити тибқи талаботи СБА амалӣ гардида зарурати тасдиқи аслӣ будани ҳуҷҷатҳоро на дар ҳама ҳолатҳо муқаррар намудааст, чунки аудитор дорои дониш ва малакаи муайян намудани чунин ҳолатҳо буда наметавонад.

Бо дарназардоши ҳолатҳои дар рафти аудит ошкоргардида ва ба хулоса омадани аудитор дар бораи эҳтимоли-

яти аслӣ набудани ҳуҷҷатҳо, ба аудитор зарур аст, ки ҳуҷҷатҳои мазкурро тариқи воситаҳои зерин мавриди омӯзиш қарор диҳад:

– бевосита аз тарафи сеюм маълумотҳои тасдиққунандаро дархост намояд;

– ҷиҳати арзёбии аслӣ будани ҳуҷҷатҳо аз хизмати экспертҳо (коршиносон) истифода намояд.

**Муҳокима бо аъзоёни гурӯҳи лоиҳа (ниг.ба параграфи 15)**

A10. Муҳокимаи тамоил доштани ҳисоботи молиявии субъект ба таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд буда ба аудитор ва аъзоёни гурӯҳ имконият медиҳад, ки:

– аъзоёни нисбатан таҷрибадори гурӯҳи лоиҳа андешаҳои худро вобаста ба дар кадом соҳаҳо ва бо кадом тарз тамоил доштани ҳисоботи молиявӣ ба таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд баён доранд;

– амалҳои дахлдори ҷавобӣ ба чунин тамоилҳо ва татбиқ гардидани чорабиниҳои дахлдори аудиторӣ аз ҷониби аъзоёни гурӯҳ;

– хабардор намудани аъзоёни дахлдори гурӯҳ аз натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ ва андешидани чораҳо нисбати сохтакориҳои ба доираи назари аудитор вохурда.

A11. Байни аъзоёни гурӯҳ мавриди муҳокима қарор гирифтани масъалаҳои зерин мумкин аст:

– мубодилаи андеша дар самти тамоил доштани ҳисоботи молиявӣ ба таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд, тарзи эҳтимолияти содир ва рӯйпуш намудани маълумотҳои сохтакоришудаи ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби роҳбарияти субъект ва тарзи азонихудкунии ғайриқонунии активҳо;

– баррасии ҳолатҳои ба сохтакории даромадҳо бо-

исшаванда ва усулҳои истифодашаванда аз ҷониби роҳбарияти субъект ҷиҳати сохтакории даромадҳо, ки ба сохтакории ҳисоботи молиявӣ мусоидат менамояд;

– баррасии омилҳои маълуми беруна ва дохилии таъсиррасонанда, ки метавонанд бо мақсади содир намудани сохтакорӣ омилҳои моддӣ ва фишороварипо ба роҳбарияти субъект ва дигар шахсон фароҳам оварда, барои муҳайё сохтани муҳит ба имконияти собит сохтани дурустии содирнамоии кирдорҳои сохтакорӣ замина гардад;

– баррасии ширкати роҳбарияти субъект дар амалӣ гардонидани назорат аз болои кормандони ба воситаҳои нақдии пулӣ ва дигар активҳо дастрасӣ дошта, ки хавфи ғайриқонунии азонихудкунии онҳо ҷой дорад;

– баррасии тағйирёбии ғайримуқаррарӣ ва нофаҳмо дар рафтор ва ё тарзи ҳаёти роҳбарияти субъект ва дигар кормандон, ки диққати аъзоёни гурӯҳро ҷалб менамояд;

– махсусан қайд намудани аҳамияти идомаи равона гардидани фикри асосӣ дар тамоми раванди аудит нисбати эҳтимолияти ҷой доштани таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд;

– баррасии шакли ҳолатҳое, ки дар сурати ба миён омадани онҳо эҳтимолияти сохтакорӣ ҷой дошта метавонад;

– баррасии масъала вобаста ба ҳисоб гирифтани ҳолати пешгӯинашаванда зимни муайян намудани хусусият, муҳлати иҷро ва миқёси чорабиниҳои аудиторӣ, ки иҷрои онҳо зарур аст;

– баррасии чорабиниҳои аудитории интихобшаванда дар ҷавоб ба эҳтимолияти тамоил доштани ҳисоботи молиявӣ ба таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд ва муайян намудани чорабиниҳои нисбатан самарабахш дар ин самт;

– баррасии ҳама гуна зуҳуроти сохтакорӣ, ки диққати аудиторро ҷалб менамояд;

– баррасии хавфи мадди назар гардидани воситаҳои назорат аз ҷониби роҳбарияти субъект.

**Чорабиниҳо оид ба арзёбии хавф ва амалҳои ба он алоқаманд**

**Дархостҳо ба роҳбарияти субъект**

**Аз ҷониби роҳбарияти субъект арзёбӣ гардидани хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд (ниг. ба параграфи 17 (а))**

А12. Роҳбарияти субъект барои системаи назорати дохилӣ ва омода намудани ҳисоботи молиявӣ дорои масъулият мебошад. Аз ин хотир, ба аудитор зарур аст, ки ба роҳбарияти субъект дар бораи арзёбии хоси хавфҳои сохтакорӣ ва фаъолияти равона гардидаи воситаҳои назорат баҳри ошкор ва бартараф кардани хавфҳо дархост ирсол намояд. Хусусият, миқёс ва даврияти чунин арзёбӣ аз ҷониби роҳбарияти субъект тағйирёбанда ва аз худи субъект вобастагӣ дошта, дар баъзе субъектҳо чунин арзёбӣ ҳамасола ва ё дар рафти гузаронидани омӯзишҳо (мониторинг) ва дар дигар субъектҳо ин ҳолат дар лаҳзаҳои муайян гузаронида шуда, он ҳам хусусияти расмӣ дорад.

Хусусият, миқёс ва даврияти арзёбӣ аз ҷониби роҳбарияти субъект, қисми маълумотҳои дар даст доштаи аудитор дар бораи муҳити субъект ба ҳисоб рафта, ҳолати арзёбӣ нагардидани хавфҳои сохтакорӣ далолати эътибори дахлдор надодани роҳбарияти субъект ба системаи назорати дохилӣ шуда метавонад.

**Ҷанбаҳои ба субъектони хурд хос буда**

A13. Дар баъзе субъектҳо, махсусан дар субъектони хурд, зимни арзёбӣ диққати асосии роҳбарияти субъект мумкин аст, ки ба хавфи сохтакорӣ аз ҷониби кормандон ва хавфи азонихудкунии ғайриқонунии активҳо равона гардида бошад.

**Ҷараёни аз ҷониби роҳбарияти субъект истифодашаванда ҷиҳати айнияткунонии хавфи сохтакорӣ ва эътино намудан ба чунин хавфҳо (ниг. ба параграфи 17 (б))**

A14. Нисбати субъектони аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ҷойгиршуда, ки хавфи ба даст наовардани даромадҳои интизоришавандаро доро мебошанд, ҷараёни мазкур зинаҳои гуногуни омӯзиши (мониторинг) қисмҳои амалкунанда ва ё маълумотҳои тиҷоратиро дар бар гирифта, ҷой доштани эҳтимолияти нисбатан бештари хавфи сохтакорӣ муайян карда мешавад.

**Дархост ба роҳбарият ва дигар шахсон дар сохтори субъект (ниг. ба параграфи 18)**

A15. Дархостҳои ирсолнамудаи аудитор ба роҳбарияти субъект мумкин аст барои ба даст овардани маълумоти муфид ҷиҳати хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакориҳои содирнамудаи кормандон алоқаманд мусоидат намуда, дар навбати худ ирсол намудани чунин дархост нисбати амалҳои худи роҳбарияти субъект дар ин самт метавонад бе самар анҷом ёбад.

Ирсол намудани дархост ба дигар шахсон дар сохтори субъект метавонад имконияти ба даст овардани маълумо-

ти муфидро, ки бо дигар роҳу усул ба даст овардани он ғайриимкон аст, фароҳам созад.

A16. Ба сифати дигар шахсон дар сохтори субъект, ки аудитор метавонад оиди ҷой доштан ва ё гумони ҷой доштани сохтакориҳо бевосита дархост ирсол намояд, шахсони зерин дохил шуда метавонанд:

– ҳайати фаврӣ, ки бевосита дар ҷараёни пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ иштирок надоранд;

– кормандони дорои ваколатҳои дараҷаи гуногун;

– кормандоне, ки дар иқдомот, коркард ва инъикоси амалиётҳои мураккаб ва ғайримуқаррарӣ иштирок доранд, инчунин шахсоне, ки назорат ва ё омӯзиши (мониторинг) фаъолияти чунин кормандонро амалӣ менамоянд;

– мушовир оид ба масъалаҳои ҳуқуқии субъект;

– шахси масъул оид ба одоб (этика) ва ё дигар шахси баробар карда шуда;

– шахс ва ё шахсон, ки барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба зуҳуроти сохтакорӣ масъул мебошанд.

A17. Азбаски роҳбарияти субъект аксаран имконияти бештар барои содир намудани сохтакориро дорад, аз ин хотир ҷавобҳои роҳбарияти субъектро вобаста ба дархостҳои ирсолгардида арзёбӣ намуда, аз рӯи принсипи шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) амал намуда, аудитор метавонад бо кумаки дигар маълумотҳои ба даст оварда дурустии онҳоро собит намояд.

**Дархостҳо ба хадамоти аудити дохилӣ (ниг. ба параграфи 19)**

A18. СБА 315 ва СБА 610 талаботҳо ва нишондодҳоро вобаста ба аудити субъектоне, ки дорои хадамоти аудити

дохила мебошанд, муқаррар намудааст.[1]

Зимни иҷрои талаботҳои СБА дар самти сохтакориҳо, аудитор метавонад вобаста ба фаъолияти мушаххаси хадамоти аудити дохила дар мавзӯҳои зерин дархост ирсол намояд:

– чорабиниҳои амалӣ намудаи аудиторони дохилӣ бо мақсади ошкор намудани сохтакориҳо дар тули сол;

– амалҳои ҷавобан андешидаи роҳбарияти субъект вобаста ба натиҷаи чунин чорабиниҳо.

**Ба даст овардани маълумот вобаста ба амалӣ намудани назорат аз ҷониби шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ (ниг.ба параграфи 20)**

А19. Шахсони дорои ваколатҳои роҳбарии субъект барои назорати системаи омӯзиши (мониторинг) системаи хавфхои назорати молиявӣ мутобиқат доштан ба қонунгузорӣ масъул мебошанд.

Дар аксарияти мамлакатҳо таҷрибаи идоракунии дастаҷамона дар дараҷаи беҳтари дахлдор таҳия гардида, шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ нақши фаъолро дар амалӣ намудани назорати арзёбии хавфи сохтакорӣ ва системаи назорати дохилӣ мебозанд. Азбаски масъулияти шахсони дорои ваколати роҳбарӣ ва роҳбарияти субъект вобаста аз мамлакат ва субъект тағйирёбанда мебошад, муҳим аст, ки аудитор дар бораи доираи ваклатҳои ин шахсон маълумот дошта, бо ин роҳ маълумоти дахлдорро дар бораи назорати аз ҷониби онҳо амалишаванда пайдо намояд.[2]

---

[1] СБА 315, параграф 23 ва СБА 610 «Истифодаи кори аудиторони дохилӣ»

[2] СБА 260, праграфҳои А1-А6, муҳокимаи масъалаҳо, дар ҳолати ба таври дақиқ муайян нагардидани сохторӣ идоракунӣ.

A20. Ба даст овардани маълумот дар бораи назорати амалишаванда аз ҷониби шахсони дорои ваколати роҳбарӣ, ҷиҳати пайдо намудани маълумоти дахлдор оиди тамоил доштани субъект ба хавфи сохтакорӣ бо иштироки роҳбарияти субъект, мувофиқат доштани системаи назорати дохилӣ, салоҳият ва поквиҷдонии роҳбарияти субъект мусоидат карда метавонад. Чунин маълумотҳоро аудитор бо роҳи иҷрои чорабиниҳо, аз қабили иштирок намудан дар ҷаласаҳо, ки муҳокимарониҳо гузаронида мешавад, омӯзиши протоколҳои ҷаласаҳо ва ё пурсиши шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ метавонад ба даст биёрад.

**Ҷанбаҳои ба субъектони хурд хос буда**

A21. Дар аксарияти ҳолатҳо тамоми шахсони дорои ваколатҳои роҳбарӣ ба ҷараёни идоракунии субъект ҷалб карда шуда, чунин ҳолат дар субъекти хурди тиҷоратӣ ҷой дошта, аз ҷониби соҳибмулки ягона идоракунии субъект ва функсияҳои идоракунӣ ба амал баровarда мешавад. Дар ин мавридҳо аз ҷониби аудитор иҷро намудани ин ё он амалҳо зарурат надорад, чунки идоракунӣ ва назорат дар дасти як шахс, яъне соҳибмулк қарор дорад.

**Баррасии дигар маълумотҳо (ниг. ба параграфи 23)**

A22. Дар баробари маълумотҳои дар натиҷаи татбиқи чорабиниҳои аудиторӣ ба даст омада, дигар маълумотҳои пайдо намуда дар бораи субъект ва муҳити он барои муайян намудани хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд метавонад муфид бошад. Инчунин, муҳокима бо аъзоёни гурӯҳ, маълумотҳои дар рафти чорабиниҳои аудитории гузаронидашуда ҷиҳати қабул ва нигоҳ доштани муносибат бо мизоҷ, таҷрибаи андухта бо дигар

лоиҳаҳои субъект (масалан, созишнома оид ба шарҳи ҳисоботи молиявии фосилавӣ) зимни муайян намудани хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии бо сохтакорӣ алоқаманд қобили қабул буда метавонад.

**Арзёбии омилҳои хавфи сохтакорӣ (ниг. ба параграфи 24)**

A23. Азбаски холатҳои сохтакорӣ мудом рӯйпуш карда мешавад, ошкор кардани он мушкил гардида, аз ин хотир ба аудитор муайян намудани ҳолат ва шароитҳое, ки боиси ҷой доштани ҳавасмандӣ ва фишороварӣ бо мақсади содир намудани сохтакорӣ ва ё фароҳам овардани шароит барои содир намудани он (омилҳои хавфи сохтакорӣ) шуда метавонанд, зарур аст. Масалан:

– зарурати ба умедвории тарафи сеюм ҷиҳати дастрас намудани маблағгузории асосӣ ноил гардидан, метавонад ҳолати фишоровариро фароҳам созад;

– пешниҳоди бонусҳо дар ҳаҷми зиёд ҷиҳати расидан ба пешгӯиҳои ғайривоқеӣ дар самти даромадҳо, бо мақсади содир намудани сохтакорӣ метавонад барои ҳавасмандӣ шароит фароҳам созад;

– воситаҳои назорати ғайрисамарабахш метавонад барои содиршавии сохтакорӣ имконият фароҳам оварад.

A24. Ба навъҳо ҷудо намудани омилҳои хавфи сохтакорӣ вобаста ба дараҷаи ҷиддӣ будани онҳо мушкил буда, ҳолати дараҷаи ҷиддӣ будани онхо метавонад тағйирёбанда бошанд. Бинобар хусусияти махсус доштани баъзе аз субъектҳо, муайян намудани ҳолати ҷой доштани ин омилҳо мушкил буда, дар ин маврид ба аудитор зарур аст, ки ҷиҳати муайян намудани ҷой доштани омилҳои хавфи сохтакорӣ мулоҳизаронии касбиро истифода намуда, ба инобат гирифтани онро зимни арзёбии хавфи

таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар ҳисоботи молиявӣ муқаррар намояд.

А25. Дар Замимаи 1 намунаи омилҳои хавфи сохтакориҳои ба сохтакории ҳисоботи молиявӣ алоқаманд ва азонихудкунии ғайриқонунии активҳо оварда шуда, онҳо дар заминаи шароитҳои зерин тасниф карда мешаванд:

– омилҳои моддӣ ва фишороварӣ бо мақсади содир намудани сохтакорӣ;

– дарки имконияти содир намудани сохтакорӣ;

– имконияти собит сохтани дурустии кирдори сохтакорӣ.

Барои аудитор аз нуқтаи назари ҷаҳонбинӣ, ки имконияти собит сохтани дурустии кирдори сохтакориро фароҳам меорад, мушоҳида намудани омилҳои хавф мумкин аст ғайриимкон бошад. Бо вуҷуди ин мумкин аст, ки аудитор дар ин хусус дорои маълумоти дахлдор бошад. Гарчанде омилҳои хавфи сохтакории дар Замимаи 1 овардашуда ҳаҷми васеи ҳолатҳоеро, ки бо онҳо метавонад аудитор дучор гардад, дар бар гирад ҳам, ин омилҳо танҳо ба сифати намуна оварда шуда, ҷой доштани дигар омилҳои хавф низ имконият дорад.

А26. Андоза, мураккабӣ ва сохтори моликияти субъект ба баррасии омилҳои хавфи сохтакорӣ таъсири ҷиддӣ дошта, дар субъектҳои азим омилҳое ҷой дошта метавонад, ки имконияти рафтори ғайри дахлдори роҳбарияти субъектро бинобар амалӣ намудани омилҳои зерин маҳдуд карда метавонад:

– назорати самарабахш аз ҷониби шахсони дорои ваколати роҳбарӣ;

– хадамоти самарабахши аудити дохилӣ;

– амали Кодекси одоб ва расман иҷро гардидани он.

Дар баробари ин, омилҳои сохтакории дар зинаи амалигардонии ин ё он фаъолияти тиҷоратӣ баррасишаванда нисбат ба маълумотҳои дар натиҷаи баррасии ин омилҳо

дар зинаи субъект дар маҷмӯъ ба даст омада, назари дигарро пешниҳод менамояд.

**Ҷанбаҳои ба субектони хурд хос буда**

А27. Дар субъектони тиҷорати хурд баъзе аз омилҳо ва ё тамоми онҳо метавонанд ғайримақбул ва ё камаҳамият бошанд. Масалан, субъекти хурд дорои Кодекси одоб набуда, аммо мумкин аст, ки ба маданияти рафтор ва ахлоқ дар шакли шифоҳӣ дар намунаи рафтори худи роҳбари субъект диққати ҷиддӣ дода шавад.

Роҳбарияти субъекти хурди тиҷоратӣ дар шахсияти як кас маънои онро надорад, ки муносибати дахлдор нисбат ба системаи назорати дохилӣ ва раванди омода намудани ҳисоботи молиявӣ таъмин карда намешавад. Дар баъзе чунин субъектҳо талаботи роҳбарият оиди ҷавобгарӣ воситаи назоратро ҷуброн намуда, хавфи сохтакориҳоро аз ҷониби кормандон кам менамояд. Бо вуҷуди ин, роҳбарияти субъект дар шахси як кас барои системаи назорати дохилӣ кофӣ набуда, метавонад, ки воситаи назорат мадди назорат карда шавад.

**Айнияткунонии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд**

**Хавфи сохтакорӣ ҳангоми тасдиқ намудани даромад**

А28. Таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки боиси пешниҳоди ҳисоботи молиявии сохтакоришуда дар қисмати тасдиқи даромадҳо гардидааст, аксаран бо сабаби баланд нишон додани даромадҳо, аз қабили пеш аз муҳлат тасдиқ намудани даромадҳо ва ё инъикос намудани даромадҳои сохта ба амал меояд. Чунин ҳолат, инчунин дар натиҷаи паст

намудани даромадҳо бо роҳи ғайриқонунӣ бурдани даромадҳо ба давраҳои минбаъда низ ҷой дошта метавонад.

A29. Хавфи сохтакорӣ зимни тасдиқ намудани даромад дар баъзе субъектҳо бинобар фишоровари ва манфиатдории худи роҳбарияти субъект ҷиҳати омода намудани ҳисоботи молиявии сохтакоришуда бо роҳи тасдиқи ғайриқонунии даромад ва ё бо роҳи дубора арзёбӣ гардидани натиҷаи фаъолият ба афзоиши солонаи даромад ба миён меояд. Ба ҳамин монанд, хавфи нисбатан баланди сохтакорӣ зимни тасдиқи даромад дар субъектҳое, ки қисми нисбатан зиёди даромадро аз ҳисоби фуруш ба таври нақдӣ ба даст меоранд, ҷой дошта метавонад.

A30. Дар сурати ба хулоса омадани аудитор дар бораи ҷой надоштани хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд зимни тасдиқи даромад, ба монанди баррасӣ гардидани танҳо як намуди даромади оддӣ (даромад аз иҷора), рад намудани фарзия дар бораи ҷой доштани хавфи сохтакорӣ зимни тасдиқи даромад имкон дошта метавонад.

**Муайян ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд ва ба даст овардани маълумот дар бораи системаи амалкунандаи назоратии субъект (ниг. ба параграфи 27)**

A31. Роҳбарияти субъект вобаста ба хусусият ва миқёси воситаи назорати ҷоришаванда ва хавфҳои ба миён меомада мулоҳизаронӣ намуда, зимни муайян намудани воситаи назорат ҷиҳати ошкор ва пешгирӣ намудани сохтакориҳо, хавфи дар натиҷаи сохтакорӣ ба таври ҷиддӣ таҳрифгарӣ шудани ҳисоботи молиявиро низ баррасӣ менамояд. Дар доираи баррасии мавзӯи мазкур роҳбари-

яти субъект хулосабарорӣ менамояд, ки бо мақсади кам намудани хавфҳои таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд ҷорӣ ва дастгирӣ намудани кадом намуди воситаи назорат аз нуқтаи назари хароҷот самарабахш буда наметавонад.

А32. Аз ин ҷиҳат ба аудитор оид ба воситаҳои назорати таҳия, ҷорӣ дастгирӣ менамудаи роҳбарияти субъект бо мақсади ошкор ва пешгирӣ намудани сохтакорӣ ба даст овардани маълумоти зарурӣ муҳим мебошад. Дар баробари ин, вобаста ба дидаву дониста қабул намудани қарор аз тарафи роҳбарияти субъект ва эътирофи вобастагӣ доштани хавфҳо ба тақсимоти нодурусти уҳдадориҳо, маълумоти дахлдор пайдо менамояд. Маълумотҳои ба даст оварда шуда зимни муайян намудани омилҳои хавфи сохтакорӣ, ки ба арзёбии хавфи эҳтимолияти ҷой доштани таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дахл менамояд, муфид ба ҳисоб меравагд.[1]

**Амалҳои ҷавобӣ ба хавфи арзёбигардидаи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд**

**Муносибати умумӣ (ниг. ба параграфи 28)**

А33. Мафҳуми муносибати умумӣ дар ҷавоб ба хавфи арзёбигардидаи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд баррасии масъалаи инъикоси дараҷаи баланди шубҳаоварии касбӣ (скептитсизм) зимни гузаронидани аудитро бо роҳҳои зерин дар назар дорад:

– ҳиссиёти баланд доштан зимни интихоби хусусият ва миқёси ҳуҷҷатҳо, ки бо мақсади исботи амалиётҳои муҳим мавриди таҳлил бояд қарор дода шавад;

[1] СБА 315, параграфи А48.

– эътирофи зарурати исбот сохтани баёнот ва пешниҳодҳои роҳбарияти субъект вобаста ба масъалаҳои муҳим.

Ҳолати мазкур инчунин, дар баробари дигар чорабиниҳои махсуси нақшавӣ, баррасии масъалаҳои хусусияти нисбатан умумӣ доштаро, ки дар параграфи 29 оварда шудааст, дар назар дорад.

**Таъини ҳайати кормандон ва назорат аз болои онҳо (ниг. ба параграфи 29 (а))**

А34. Дар ҷавоб ба хавфи ошкор гардидаи тахрифгариҳои ҷиддии алоқаманд ба сохтакорӣ аудитор метавонад шахсони иловагии дорои дониш ва малакаи махсус, аз қабили экспертҳои судӣ, экспертҳо дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ва ё дигар шахсони таҷрибадорро барои кор дар лоиҳа ҷалб намояд.

А35. Миқёси назорат аз ҷониби аудитор арзёбӣ гардидани хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии бо сохтакорӣ алоқаманд ва ваколати аъзоёни гурӯҳи лоиҳаро дар худ инъикос менамояд.

**Қисматҳои пешгӯинашаванда зимни интихоби чорабиниҳои аудиторӣ (ниг. ба параграфи 29 (в))**

А36. Ба инобат гирифтани қисматҳои пешгӯинашаванда зимни интихоби хусусият, муҳлати иҷро ва миқёси чорабиниҳои аудиторӣ, ки иҷрои онҳо зарур аст, муҳим буда, зеро кормандони субъект, ки вобаста ба моҳияти чорабиниҳои аудитории амалӣ мешуда тассавурот доранд, барои рӯйпуш намудани ҳисоботи молиявии сохтакорӣ шуда имкониятҳои васеъ доранд. Ҳолати мазкур бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– иҷрои чорабиниҳои санҷишӣ нисбати бақияи

ҳисобҳо ва қарорҳои қабулгардида, ки бинобар муҳим будани онҳо ва хавфҳо мавриди санҷиш қарор нагирифтаанд;

– ворид намудани тасҳеҳот (ислоҳ) дар давраи иҷрои чорабиниҳои аудиторӣ;

– истифодаи усулҳои гуногуни интихоб намудан;

– иҷрои чорабиниҳои аудиторӣ дар объекти санҷишӣ ва дигар ҷойҳои гуногун бе огоҳии пешакӣ.

**Чорабиниҳои аудитории ҷавобӣ ба хавфҳои арзёбигардидаи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар зинаи қабули онҳо (ниг. ба параграфи 30)**

А37. Муносибати аудиторӣ нисбати хавфҳои арзёбигардидаи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар зинаи қабули онҳо тағйири зерини хусусият, муҳлати иҷро ва миқёси чорабиниҳои аудиториро дар назар дорад:

– ба миён омадани зарурати ворид намудани тағйирот дар хусусияти ҷорабиниҳои аудиторӣ бо мақсади ба даст овардани далелҳои аудитории нисбатан эътимоднок ва қобили қабул ва дигар маълумотҳои иловагии тасдиққунанда. Ҳолати мазкур ба шакли чорабиниҳои аудитории зарурии амалӣ мешуда ва ҳамбастагии онҳо таъсир мерасонад. Масалан:

(i) мушоҳидаи воқеӣ ё санҷиши активҳои муайян муҳим буда, инчунин аудитор метавонад қарор дар бораи истифодаи усулҳои компютеркунонида шудаи аудитро барои ҷамъ овардани шумораи зиёди далелҳо нисбати маълумотҳои дар ҳисоботҳо ва файлҳои электронии амалиёт мавҷудбуда, қабул намояд;

(ii) аудитор метавонад ҷиҳати ба даст овардани маълумоти иловагии тасдиққунанда чорабиниҳоро таҳия намо-

яд. Чунончӣ, дар сурати муайян намудани ҳолати фишороварӣ бо мақсади иҷрои пешгӯиҳо оид ба даромад, эҳтимолияти ҷой доштани хавфи иловагӣ вобаста ба баланд намудани фурӯш бо роҳи ба имзо расонидани қарордодҳои бе фоида ва ё бо роҳи пеш аз таҳвили мол пешниҳод намудани ҳисобҳо мумкин мебошад. Дар чунин ҳолат аудитор метавонад далелҳои берунаро ҷиҳати тасдиқи шартҳои қарордод таҳия намуда, инчунин пурсиши шахсони ба масъалаҳои молиявӣ дахл надоштаро дар ин мавзӯъ амалӣ намояд.

– тағйир додани муҳлати иҷрои чорабиниҳои аудиторӣ. Дар ин маврид аудитор ба хулоса меояд, ки тағйир додани муҳлати иҷрои чорабиниҳои аудиторӣ нисбати арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷидии ба сохтакорӣ алоқаманд самарабахш буда метавонад. Азбаски таҳрифгариҳо вобаста ба тасдиқи даромад дар давраҳои фосилавӣ содир карда шавад, биинобар ин аудитор метавонад оиди татбиқи чорабиниҳои аудиторӣ нисбати амалиётҳои дар тули давраи ҳисоботӣ ва ё тули тамоми давраи ҳисоботӣ гузаронидашуда қарор қабул намояд;

– ҳаҷми чорабиниҳои татбиқшаванда арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқамандро инъикос менамояд. Масалан, зиёд намудани ҳаҷми интихоб намудан ё иҷрои чорабиниҳои таҳлилии нисбатан муфассал, усули компютеркунонидашудаи аудит имконияти иҷрои васеи санҷиши файлҳои амалиётҳои электронии ҳисобҳоро фароҳам оварда, инчунин барои интихоб ва ҷудо намудани амалиётҳо, ба гурӯҳҳо ҷудо намудани амалиётҳои дорои хусусияти махсус ва санҷиши маҷмӯӣ мусоидат менамояд.

А38. Дар сурати айният карда шудани хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии бо сохтакорӣ алоқаманд, ки ба шумораи захираҳо таъсир мерасонад, санҷиши қайдҳои баҳисобги-

рии захираҳо барои муайян намудани ҷойгиршавӣ ва моддаҳои зарурӣ кумак расонида, диққати махсус додан ба ин ҳолатҳо зимни барӯйхатгирӣ ва баъди он зарур мебошад. Чунин санҷиш бояд дар маҳалли ҷойгиршавӣ, худи ҳамон рӯз ва бе огоҳии пешакӣ амалӣ карда шавад.

A39. Аудитор дар баробари айният кунонидани хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии бо сохтакорӣ алоқаманд, ки ба ҳисобҳо ва қарорҳои қабулгардида, арзёбии активҳо, амалиётҳои мушаххас (харид, кам кардани қарзҳо ва хусусигардонии самтҳои фаъолият), метавонад вобаста ба дигар уҳдадориҳои муҳими ҳисобкардашуда (уҳдадориҳои нафақавӣ ва дигар мукофотпулиҳо бо ба охир расидани фаъолияти меҳнатӣ ва ё уҳдадориҳо оид ба барқарор кардани муҳити зист) низ хавфи мавҷударо айният намояд. Хавф мумкин аст бо тағйиротҳои ҷиддии татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ нисбати арзёбиҳои такрорӣ алоқамандӣ дошта бошад. Маълумоти ба даст оварда дар бораи субъект ва муҳити он, метавонад ба аудитор барои муайян намудани қобили қабул будани арзёбии роҳбарияти субъект, инчунин мулоҳизаронӣ ва татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ дар асоси чунин арзёбӣ кумак намояд. Шарҳи аз нав дида баромадани чунин мулоҳизаронӣ ва сиёсати баҳисобгирӣ аз ҷониби роҳбарияти субъект, ки дар давраҳои қаблӣ татбиқ гардидааст, вобаста ба асоснокии мулоҳизаронӣ ва сиёсати баҳисобгирӣ собиткунандаи аз ҷониби роҳбарияти субъект арзёбӣ гардидани маълумотҳои мазкур шуда метавонад.

A40. Намунаҳои чорабиниҳои имкондоштаи аудиторӣ вобаста ба хавфҳои арзёбигардидаи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд ва баҳисобгирии паҳлӯҳои пешгӯинашаванда дар Замимаи 2 оварда шуда, он намунаи амалҳои ҷавобии аудиторро ба арзёбии хавфи

таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки боиси пешниҳоди ҳисоботи молиявии сохтакоришуда дар натиҷаи тасдиқи ғайриқонунии даромадҳо ва азонихудкунии ғайриқонунии активҳо гардидааст, дар бар мегирад.

**Чорабиниҳои аудитории ҷавобӣ вобаста ба хавфи аз ҷониби роҳбарияти субъект мадди назар гардидани воситаҳои назорат**

**Китобҳои ба қайдгирии ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотҳо (ислоҳ) (ниг. ба параграфи 32 (а))**

A41. Таҳрифгариҳои ҷиддии ҳисоботи молиявӣ, ки ба сохтакорӣ алоқаманд аст, аксаран дар натиҷаи дар раванди пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ бо роҳи сохтакории ғайриқонунии китоби ба қайдгирии ҳисобҳо ба миён омада, ин ҳолат метавонад дар тули тамоми сол, дар охири он ва ё бо роҳи аз ҷониби роҳбарияти субъект тасҳеҳот (ислоҳ) даровардани ҳаҷмҳои дар ҳисоботи молиявӣ ифодашуда ва ё ифода накардани он дар китобҳои ба қайдгири ҳисобҳо бо роҳи тасҳеҳотҳои якҷоя ва аз нав гурӯҳбандӣ шуда ба миён омада бошад.

A42. Баррасии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки ба ғайриқонунӣ бартараф намудани воситаи назорат нисбати китобҳои ба қайдгирии ҳисобҳо алоқаманд аст, муҳим буда, зеро раванди автоматикунонидашуда ва воситаи назорат хавфи хатогиҳои ғайри қасдонаро кам намуда, вале ҳолати ғайриқонунӣ бартараф намудани равандҳои автоматикунонидашуда аз тарафи шахсонро истисно карда наметавонад (масалан, тағйир додани ҳаҷм ба таври автоматикӣ ба китоби асосӣ ва ё системаи ҳисоботи молиявӣ бурда мешавад). Инчунин, зимни истифодаи технологияи иттилоотӣ барои ба таври автоматикӣ додани

маълумот ба системаи иттилоотӣ далели чунин дахолаткунӣ мумкин аст, ки норавшан монад.

А43. Бо мақсади муайян намудани интихоби китоби ба қайдгирии ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотҳо барои санҷиш, инчунин муайян намудани усули дахлдори санҷиши маълумоти тасдиққунанда оид ба моддаҳои интихобшуда, ба аудитор баррасии масъалаҳои зерин зарур аст:

– арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд – ҷой доштани омилҳои хавфи сохтакорӣ ва дигар маълумотҳои ба даст оварда дар натиҷаи арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд ба аудитор ҷиҳати муайян намудани гурӯҳҳои мушаххаси китоби ба қайдгирии ҳисобоҳо ва дигар тасҳеҳотҳоро барои санҷиш кӯмак расонида метавонад;

– воситаи назорат, ки нисбати китоби ба қайдгирии ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотҳо ҷорӣ карда шудааст – воситаи назорати самарабахш нисбати омода ва инъикос намудани китоби ба қайдгирии ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотҳо миқёси санҷиши заруриро дар сурати аз ҷониби аудитор татбиқ гардидани санҷиши самаранокии фаолияти воситаи назорат, кам карда метавонад;

– раванди пешниҳоди ҳисоботи молииявӣ ва хусусияти далелҳои ба даст оварда мешуда – барои аксарияти субъектҳо коркарди муқаррарии амалиётҳо якҷоя намудани чорабиниҳои дастӣ ва автоматикиро дар бар гирифта, бо ҳамин тарз китоби ба қайдгирии ҳисобҳо, дигар тасҳеҳотҳо ва воситаи назорат коркард карда мешавад. Дар сурати истифодаи технологияи иттилоотӣ дар раванди пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ, китоби ба қайдгирии ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотҳо метавонад танҳо дар шакли электронӣ мавҷуд бошанд.

– хусусияти китоби ба қайдгири ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотҳои сохтакоришуда – китоби ба қайдгирии

ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотҳои ғайриқонунӣ хусусияти фарқкунандаи ҷудоигона дошта, ҳисобҳои зеринро дар бар мегирад:

(а) вобаста ба ҳисобҳои дахл надошта, ғайримуқаррарӣ ва баъзан истифодашаванда;

(б) аз ҷониби шахсони ваколатор набуда амалӣ карда шудааст;

(в) дар охири давраи ҳисоботи ифода карда шудааст ё ҳисобҳои рӯйпӯшидшуда, ки шарҳ дода нашудааст ва ё дарҷ нагардидаанд;

(г) то омода намудан ва ё дар рафти омода намудани ҳисоботи молиявӣ амалӣ карда шуда, рақами ҳисобҳо нишон дода нашудааст;

(д) нишондодҳои яклухт ва ё ададҳои ниҳоии пайдарҳамро дар бар гирифтааст.

– хусусият ва мураккабии ҳисобҳо – китоби ба қайдгирии ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотҳои ғайриқонунӣ нисбати ҳисобҳои зерин татбиқ шуда метавонад:

(а) ҳисобҳои дорои амалиётҳои дорои хусусияти мураккаб ва ғайримуқаррарӣ;

(б) ҳисобҳои дорои арзишҳои муҳим ва тасҳеҳотҳо дар охири давра;

(в) ҳисобҳои дорои таҳрифгариҳои собитшуда дар гузашта;

(г) муқоисаи сари вақт амалӣ нашуда ва ё дорои ихтилофҳо;

(д) ҳисобҳои дорои амалиётҳои дохилигурӯҳӣ;

(е) бо хавҳои ошкоргардидаи хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии бо сохтакорӣ алоқаманд бо ин ё он тарз алоқаманд.

Дар рафти аудити субъект, ки сохторҳои он дар дигар маҳалҳо ҷой доранд, ба аудитор баррасии зарурати интихоб намудани китоби ба қайдгирии ҳисобҳои ин сохторҳо зарур мебошад;

– китоби ба қайдгирии амалиётҳо ва дигар тасҳеҳотҳо, ки аз доираи фаъолияти хоҷагидории муқаррарӣ берун баромадааст – китоби ба қайдгирии ғайристандартӣ мумкин аст дар ҳамон дараҷаи китоби ба қайдгирии амалиётҳои такроршаванда барои ифодаи амалиётҳои фуруши ҳармоҳа, харид ва пардохтҳои нақдӣ таҳти назорати воситаи назорат таҳти назорат қарор надошта бошад.

